# Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе»

**Ҳисоботи молиявӣ**
барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфт

**ва ҳисоботи аудиторони мустақил**

**МД «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе»**

## МУНДАРИҶА


| | Саҳифа |
| --- | --- |
| АЗ ҶОНИБИ РОҲБАРИЯТ ТАСДИҚ КАРДАНИ МАСЪУЛИЯТ ҶИҲАТИ ОМОДА НАМУДАН ВА ТАСДИҚ КАРДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТ: | 2 |
| ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ | 3-4 |
| ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТ: | |
| Ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади дигари муштарак | 5 |
| Ҳисобот оиди вазъи молиявӣ | 6 |
| Ҳисобот оиди тағйиротҳо дар дороиҳои холис | 7 |
| Ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ | 8 |
| Тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ | 9-38 |

**МД «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе»**

**АЗ ҶОНИБИ РОҲБАРИЯТ ТАСДИҚ КАРДАНИ МАСЪУЛИЯТ ҶИҲАТИ ОМОДА НАМУДАН ВА ТАСДИҚ КАРДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТ**

Тасдиқоти дар поён овардашуда, ки бояд бо тавсифи уҳдадориҳои аудиторони мустақил якҷоя баррасӣ гардад, барои гузоштани ҳудуд байни масъулияти аудиторони мустақил ва масъулияти роҳбарият нисбати ҳисоботи молиявии Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе» (минбаъд - Муассиса) ба амал оварда шудааст.

Роҳбарияти Муассиса барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ масъулият ба зимма мегирад, ки он вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолият, гардиши воситаҳои пулӣ ва тағйироти дар дороиҳои холиси Муассиса баамаломадаро дар давоми соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд - СБҲМ) ба таври воқеъбинона ва ҳамаҷиҳата инъикос намудааст.

Дар рафти омодакунии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият барои иҷроиши корҳои зерин масъулият ба зимма мегирад:

- интихоби принсипҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ ва истифодаи пайдарҳами онҳо;
- истифодаи баҳогузорӣ ва ҳисобу китоби асоснок;
- риояи талаботҳои СБҲМ; ва
- омодакунии ҳисоботи молиявӣ аз нуқтаи назари имконпазирии фарзияе, ки Муассиса фаъолияти худро дар оянда низ давом дода метавонад (ба истисноӣ ҳолатҳое, ки амалидошти чунин фарзия бо қонун манъ карда шудааст).

Роҳбарияти Муассиса барои иҷроиши корҳои зерин низ масъулият ба зимма мегирад:

- таҳияву татбиқ кардан ва таъмин намудани амалкарди самаранок ва боэътимоди низоми назорати дохилӣ дар Муассиса;
- истифода намудан аз низоми баҳисобгирии муҳосибие, ки имкон медиҳад ҳар лаҳза дар бораи вазъи молиявии Муассиса маълумоти ба дараҷаи кофӣ аниқ омода гардида, мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ба талаботи СБҲМ таъмин карда шавад;
- бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ дар мувофиқа бо қонунгузорӣ ва стандартҳои баҳисобгирии муҳосибии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷиҳати таъмини ҳифзи дороиҳои Муассиса дар доираи салоҳияти худ чораандешӣ намудан; ва
- ошкор намудан ва пешгирӣ кардани ҳодисаҳои қаллобиву фиребгарӣ, хатоҳо ва сӯиистифодабариҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст, аз ҷониби Роҳбарияти Муассиса дар таърихи 20 июни соли 2022 тасдиқ карда шуд.

**Аз номи Роҳбарияти Муассиса:**

| | |
|---|---|
| **Раҳимзода Олим Шарифи**<br>**Директор** | **Юсупова Зумрад Маҳмадуллоевна**<br>**Сармуҳосиб** |
| 20 июни соли 2022 | 20 июни соли 2022 |
| ш. Душанбе,<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе,<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон |

Республика Таджикистан
г. Душанбе, 734025
ул. Бохтар 37/1, офис 501

T: + 992 (44) 600 46 55
contact@bakertilly.tj
www.bakertilly-ca.com

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАКИЛ

Ба Шурои Нозирони МД «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе»:

**Ақидаи аудитор**

Мо аудити ҳисоботи молиявии замимагардидаи Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе» (минбаъд - Муассиса)-ро ба амал овардем, ки он ҳисоботҳои зеринро дар бар мегирад: ҳисобот оиди вазъи молиявӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2021 ва ҳисоботҳои марбута дар бораи даромади муштарак, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағйиротҳо дар дороиҳои холис дар давоми соле, ки дар таърихи зикргардида ба анҷом ёфтааст; инчунин ошкоркунии принсипҳои асосии сиёсати баҳисобгирӣ ва тавзеҳоти дигар.

Аз рӯи ақидаи мо, ҳисоботи молиявии замимашаванда вазъи молиявии Муассисаро ба ҳолати 31 декабри соли 2021, инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулиии онро дар соле, ки дар санаи ишорагардида анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ба таври эътимодбахш ва ҳамаҷониба инъикос намудааст.

**Асос барои ақида додан**

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит ба амал овардем (минбаъд – «СБА»). Масъулияти мо мутобиқи ин стандартҳо минбаъд дар ақидаи мо дар қисмати «Масъулияти аудиторон нисбати ҳисоботи молиявӣ” шарҳ дода мешавад. Мо аз Муассиса тибқи «Кодекси одоби муҳосибони касбӣ»-и Шӯрои стандартҳои байналмилалии одоби муҳосибон (минбаъд «Кодекси ШСБОМ») ва талаботҳои одобие, ки ба аудити мо нисбати ҳисоботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад, мустақил мебошем ва дигар ӯҳдадориҳои одобиро тибқи ҳамин талаботҳо ва кодекси ШСБОМ иҷро намудем. Мо гумон дорем, ки далелҳои аудитории дастраснамудаи мо кифоянд, то ин ки мо дар бораи ҳисоботи молиявии мазкур ақидаи муайяни худро ифода карда тавонем.

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии ва ҳисоботи молиявӣ**

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд. Дар омодакунии ҳисоботи молиявӣ рохбарият оиди бахогузории қобилияти Муассиса барои фаъолияти катънашаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти катънашаванда татбиққкунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии ширкатҳои фаъолияташон катънашаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истисноии мавридхое, ки рохбарият нияти барҳамдихии Муассиса, катъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи молиявии Муассиса масъулиятнок ба ҳисоб мераванд.

**Масъулияти аудитор нисбати аудити ҳисоботи молиявӣ**

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва хисоботи молиявии ки акидахои моро иброз менамоянд, пешниход менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедихад, ки аудит дар асоси СБА хамеша тахрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алохидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ машғул буда, таъсир расонанд.
Дар доираи гузаронидани аудит мутобиқи СБА мо тибқи доварии касбӣ амал намуда, скептисизми касбиро дар тамоми муддати тафтиши аудиторӣ таъмин менамоем. Мо инчунин:

- таҳрифоти назаррас дар хисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал меоянд муайян ва бахоргузорӣ намудем, расмиёти аудити ба чунин хавфҳо ҷавобгӯро таҳия ва иҷро намудем, инчунин далелҳое, ки барои ифода намудани акидаи аудиторӣ кофӣ ва заруранд

дастрас намудем. Хавфи муайян накардани таҳрифоти назаррасе, ки дар натиҷаи роҳ додан ба хатогиҳо, инчунин, сӯиистифодаи молиявӣ ба миён меоянд, метавонад маслиҳатӣ, сохтакорӣ, таҳрифоти қасдан, ё пешгӯии назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши назорати дохилии марбут ба аудитро бо мақсади таҳияи тартиби аудити шароити мувофиқ, на бо мақсади изҳори андеша оид ба самаранокии назорати дохилӣ Муассиса, дастрас намудем;
- бамавқеъ будани сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани амалҳои роҳбарият ва баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро арзёбӣ намудем;
- доир ба мувофиқи мақсад истифода намудани асосҳои баҳисобгирии фаъолияти катънашаванда аз тарафи роҳбарият дар асоси далелҳои аудит ба даст оварда шуда, мавҷудияти номуайянии моддӣ вобаста ба воқеаҳо ва ё шароитхое, ки метавонанд  шубҳаи назаррасро оиди қобилияти Муассиса ба фаъолияти катънашаванда ба миён андозанд хулосадиҳӣ намудем. Агар мо оиди мавчудияти номуайянии моддӣ хулоса барорем, ба мо лозим аст дар ҳисоботи аудитории худ диққатро доир ба эзоҳоти марбут ба ҳисоботи молиявӣ талаб намоем, ё дар мавриди нокифоя будани эзоҳоти марбут, андешаи худро тағйир дихем. Хулосаҳои мо бо далелҳои аудитории дастраснамуда ба санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ асос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, воқеаҳо ва ё шароитҳои оянда метавонанд сабабгори ба итмом расидани фаъолияти катънашандаи Муассиса гарданд;
- пешниҳоди умумӣ, сохтор ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла эзоҳотро арзёбӣ намудем ва мувофиқаткунии пешниҳоди амалиётҳои асосӣ ва чорабиниҳо аз тарафи ҳисоботи молиявиро нисбат ба пешниҳоди одилона муайян намудем.

Мо бо шахсони масъул нисбати идоракуни дар доираи нақша ва мӯҳлати гузаронидани санҷиш ва хулосаҳои назарраси аудит, аз ҷумла ҳар гуна камбудиҳои назаррас дар назорати дохилӣ, ки мо дар давоми аудит муайян кардем, муошират намудем.

Мо инчунин ба шахсони масъул нисбати идоракунии далелҳои ичро намудани талаботҳои новобастагии худро тибқи талаботҳои одобӣ пешниход намуда, бо тамоми масъалаҳои дигари ба новобастагии мо дахлдор бо онҳо муошират намудем ва дар мавридҳои лозим кафолатҳои марбут пешниход намудем.

Хайруллоев Фирдавс

Директор,

Иҷозатномаи аудитории Ҷумҳурии Тоҷикистон
№ 0000250, ки 07.12.2017  аз ҷониби Вазорати молияи
Тоҷикистон дода шудааст.

ҶДММ «Бейкер Тилли Тоҷикистон»

Иҷозатномаи № 0000152, ки 15.09.2020 аз ҷониби
Вазорати молияи Тоҷикистон дода шудааст.

20 июни соли 2022
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҲИСОБОТ ОИДИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДАРОМАДИ ДИГАРИ МУШТАРАК БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо сомони)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 4 | 3,316,391 | 441,221 |
| ДАРОМАДИ ФОИЗӢ | | 3,316,391 | 441,221 |
| (Барқароршави)/ташаккули захира оиди беқурбшавӣ ва талафотҳои чашмдошти қарзии дороиҳо | 5 | 63,614 | (210,067) |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 6 | (395,150) | (148,933) |
| ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА | | 2,984,855 | 82,221 |
| Андоз аз фоида | 7 | (494,722) | (22,819) |
| ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ | | 2,490,133 | 59,402 |
| Дигар даромади муштарак: | | - | - |
| ҲАМАГӢ ДАРОМАДИ МУШТАРАК | | 2,490,133 | 59,402 |

**Аз номи Роҳбарияти Муассиса:**

**Раҳимзода Олим Шарифи**
**Директор**

20 июни соли 2022

ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Юсупова Зумрад Маҳмадуллоевна**
**Сармуҳосиб**

20 июни соли 2022

ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 9-38 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-4 оварда шудааст.

**МД «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе»**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ
## БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021
*(бо сомони)*

| | Эзоҳ | 31 декабри с. 2021 | 31 декабри с. 2020 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО:** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 8 | 8,088,865 | 11,602,406 |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 9 | 54,572,592 | 18,610,209 |
| Воситаҳои асосӣ | 10 | 603,756 | 119,605 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 11 | 2,860 | 3,740 |
| Дигар дороиҳо | | 8,000 | 4,200 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 63,276,073 | 30,340,160 |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА ДОРОИҲОИ ХОЛИС** | | | |
| **ӮҲДАДОРИҲО:** | | | |
| Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда | 7 | 40,203 | - |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 12 | 411,335 | 5,758 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО | | 451,538 | 5,758 |
| ДОРОИҲОИ ХОЛИС: | | | |
| Саҳмҷудокуниҳо аз буҷаи шахри Душанбе | 13 | 60,275,000 | 30,275,000 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 2,549,535 | 59,402 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ ХОЛИС | | 62,824,535 | 30,334,402 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО ВА ДОРОИҲОИ ХОЛИС | | 63,276,073 | 30,340,160 |

**Аз номи Роҳбарияти Муассиса:**

**Раҳимзода Олим Шарифи**
**Директор**

20 июни соли 2022

ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Юсупова Зумрад Маҳмадуллоевна**
**Сармуҳосиб**

20 июни соли 2022

ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 9-38 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-4 оварда шудааст.

**МД «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе»**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР ДОРОИҲОИ ХОЛИС БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Саҳмҷудокуниҳо аз буҷаи шаҳри Душанбе | Фоидаи тақсимнашуда | Ҳамагӣ дороиҳои холис |
|---|---|---|---|---|
| Бақия ба 1 январи с. 2020 | | - | - | - |
| Саҳмҷудокуниҳо аз буҷаи шаҳри Душанбе | 13 | 30,275,000 | - | 30,275,000 |
| Фоида дар давоми сол | | - | 59,402 | 59,402 |
| Бақия ба 31 декабри с. 2020 | 13 | 30,275,000 | 59,402 | 30,334,402 |
| Саҳмҷудокуниҳо аз буҷаи шаҳри Душанбе | | 30,000,000 | - | 30,000,000 |
| Фоида дар давоми сол | | - | 2,490,133 | 2,490,133 |
| Бақия ба 31 декабри с. 2021 | 13 | 60,275,000 | 2,549,535 | 62,824,535 |

**Аз номи Роҳбарияти Муассиса:**

**Раҳимзода Олим Шарифи**
**Директор**

20 июни соли 2022

ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Юсупова Зумрад Маҳмадуллоевна**
**Сармуҳосиб**

20 июни соли 2022

ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 9-38 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-4 оварда шудааст.

**МД «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе»**

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2021 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАХОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТИ:** | | | |
| Фоизҳои бадастовардашуда | | 3,433,697 | 456,365 |
| Ҳамаги воридоти воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиёти | | 3,433,697 | 456,365 |
| Қарзҳо ба мизоҷон | | (36,079,689) | (18,625,354) |
| Пардохти молҳо ва хизматрасониҳо | | (98,659) | (25,177) |
| Пардохти музди меҳнат | | (165,143) | (67,254) |
| Андозҳо | | (76,580) | (28,003) |
| Ҳарочоти хизматрасонии бонк | | (2,166) | (1,079) |
| Ҳамаги хориҷшавии воситаҳои пулӣ аз | | (36,422,237) | (18,746,867) |
| Пардохти андоз аз фоида | | (65,530) | (27,019) |
| Хориҷшавии холиси воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ: | | (33,054,070) | (18,317,521) |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ:** | | | |
| Харидани воситаҳои асосӣ | 10 | (523,085) | (140,606) |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | 11 | - | (4,400) |
| Хориҷшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ: | | (523,085) | (145,006) |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | | |
| Саҳмҷудокуниҳо аз буҷаи шаҳри Душанбе | 13 | 30,000,000 | 30,275,000 |
| Воридшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ: | | 30,000,000 | 30,275,000 |
| АФЗОИШИ ХОЛИСИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО | | (3,577,155) | 11,812,473 |
| Таъсири талафоти чашмдошти дороиҳо ба ҳисобҳо дар бонк | 5 | 63,614 | (210,067) |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар аввали сол | 8 | 11,602,406 | - |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар охири сол | 8 | 8,088,865 | 11,602,406 |

**Аз номи Роҳбарияти Муассиса:**

**Раҳимзода Олим Шарифи**
**Директор**

20 июни соли 2022

ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Юсупова Зумрад Маҳмадуллоевна**
**Сармуҳосиб**

20 июни соли 2022

ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 9-38 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-4 оварда шудааст.

## 1. ИТТИЛООТИ УМУМӢ

Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолии шаҳри Душанбе» (минбаъд – «Муассиса») бо Қарори Раиси шаҳри Душанбе №101 аз 21 феврали соли 2019 таъсис ёфтааст.

Муассиса бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба рушди соҳибкорӣ, муҳайё намудани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорон ва ҳавасмандгардонии соҳибкорон, ташкили ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда аст. Муассиса барои корхонахои соҳаи истеҳсолот дар шаҳри Душанбе қарзҳои имтиёзнок пешниҳод менамояд. Муассиса иҷозатномаи Бонки Миллии Тоҷикистон барои додани қарзҳо надорад барои ҳамин хамаи қарзҳо ба мизоҷон бо воситаи БДА ҶТ “Амонатбонк” бо бастани шартномаи сетарафа пешниҳод карда мешаванд.

Муассиси Муассиса Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе мебошад.

Муассиса аз рӯи суроғаи зерин ба қайд гирифта шуда, дар худи ҳамин суроға ҷойгир аст: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 38/1. Ба ҳолати 31 декабри соли 2021 ва 31 декабри соли 2020 Муассиса дорои филиал ва шуъбаҳо намебошад. Теъдоди коргарони Муассиса ба ҳолати 31 декабри соли 2021 ва 31 декабри соли 2020 мутаносибан 10 ва 8 нафарро ташкил намуд

Ҳисоботи мазкури молиявӣ аз ҷониби Роҳбарияти Муассиса дар таърихи 20 июни соли 2022 тасдиқ карда шудааст.

## 2. ПРИНСИПҲОИ ПЕШНИҲОДКУНИИ ҲИСОБОТ

### Принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ

Ҳисоботи мазкури молиявии Муассиса мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд СБҲМ), ки аз ҷониби Кумитаи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва тибқи Тавзеҳот, ки аз ҷониби Кумита оид ба шарҳи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ интишор гардидаанд, таҳия карда шудааст.

### Асъори функсионалӣ ва асъор барои пешниҳодкунӣ

Моддаҳое, ки ба ҳисоботи молиявии Муассиса ворид карда шудаанд, бо истифода аз асъоре баҳогузорӣ карда мешаванд, ки онҳо моҳияти иқтисодии вазъу ҳолатҳои марбут ба Муассисаи мазкурро аз ҳама беҳтар инъикос мекунанд (минбаъд- «асъори функсионалӣ»). Сомонии тоҷикӣ (минбаъд- «сомонӣ») асъори функсионалӣ ва асъор барои пешниҳодкунии ҳисоботи молиявии мазкур маҳсуб мегардад.

Ҳисоботи молиявии мазкур дар ҳазорҳо сомони пешниход шудааст, агар муқаррароти дигар набошад. Ҳисоботи мазкури молиявӣ дар асоси принсипи арзиши таърихӣ таҳия гардидааст, ба истисноИ баҳогузории воситаҳои алоҳидаи молиявӣ, ки аз рӯи арзиши одилона ба ҳисоб гирифта шудаанд.

## 3. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

### Эътироф ва баҳодиҳии воситаҳои молиявӣ

Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ҳисобот оиди вазъи молиявии Муассиса дар сурате инъикос мeёбанд, ки агар Муассиса аз рӯи шартнома нисбати воситаи марбутаи молиявӣ ҳамчун тараф баромад намояд. Муассиса хариду фурӯши дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳоро, ки хусусияти муттасилӣ доранд, аз рӯи санаи ҳисобикунӣ инъикос менамояд. Воситаҳои молиявии бо роҳи мазкур харидоришуда, ки минбаъд аз рӯи арзиши одилона баҳогузорӣ карда мешаванд, аз

лаҳзаи бастани аҳд ва то санаи муқарраргардидаи ҳисобикунӣ мисли воситаҳои баҳисобгирифташуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо дар ибтидо аз рӯи арзиши одилона инъикос карда мешаванд. Арзиши ибтидоии дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳое, ки онҳо дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои тавассути фоида ё зарар аз рӯи арзиши одилона баҳисобгирифташаванда нестанд, дар доираи маблағи хароҷоти амалиётӣ, ки бевосита бо харидорӣ ё таъсис додани дороии молиявӣ ва ё интишори ӯҳдадории молиявӣ вобастаанд, таҳрир карда мешаванд. Принсипҳои баҳогузории минбаъдаи арзиши дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо дар муқаррароти марбутаи сиёсати баҳисобгирӣ, ки дар поён пешниҳод мегарданд, шарҳ дода мешаванд.

Муассиса дороиҳои молиявии худро ба категорияҳои асосии зерин тасниф кардааст:

- Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешавад;
- Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути дигар даромади муштарак (ДДМ) баҳо дода мешавад;
- Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад

***Воситаҳои қарзӣ***

а) Бизнес-модели Ташкилот, ки ҳангоми идораи воситаҳои қарзӣ истифода мебарад;
б) Хислати дороии молиявӣ, ки ба гардиши воситаҳои пулӣ тибқи шартнома пайваст аст;

*Бизнес-модел*

Бизнес-модел воситаеро муайян мекунад ки Муассиса тавассути он дороиҳои молиявии худро барои ташкили воридоти воситаҳои пулӣ идора менамояд. Бизнес-модели истифодашуда, воридоти воситаҳои пулӣ дар натиҷаи қабули воситаҳои пулӣ дар асоси шартнома ё фуруши дороиҳои молиявӣ, ва ё дар натиҷаи ҳардуи амалиёт ба вуҷуд меоянд, муайян менамояд.

Муассиса дар давоми фаъолият метавонад моделҳои гуногуни идоракунии дороиҳои молиявиро истифода барад. Тибқи стратегияи тараққиёти Муассиса ва маҳдудияти механизмҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ мешавад, ки қисми зиёди дороиҳои молиявӣ дар чаҳорчубаи модели воридшавии воситаҳои пулии шартномавӣ нигоҳ дошта мешаванд

*Шарти SPPI*

Бо мақсади баҳодиҳии шартҳои дороии молиявӣ Муассиса барои ҳар як дороии молиявӣ SPPI тест мегузаронад (минбаъд “тест SPPI”). Дар раванди гузаронидани ин баҳодиҳӣ Бок мутобиқати воридшавии воситаҳои пулии шартномавӣ бо механизми асосии қарздиҳиро, яъне фоизҳо танҳо арзишҳои муваққатии пул, хавфи қарзӣ, дигар хавфҳо ва фоидаҳои шартномаи асосии қарзро дар бар мегиранд, ба ҳисоб мегирад. Дар ҳолатҳои шартҳои шартномавӣ хавф ва ноустуворӣ, ки ба механизми асосии қарздиҳӣ мутобиқ дар бар мегиранд, дорои молиявӣ ҳамчун бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо додашаванда тасниф карда мешаванд.

Дар асоси ин омил Муассиса воситаҳои қарзии худро ба се категорияи минбаъда тақсим мекунад:

*Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешавад:*

а) Дороиҳои молиявӣ, ки дар раванди бизнес модел нигоҳ дошта мешавад, ба мақсади нигоҳ доштани дороиҳо барои ворид намудани воситаҳои пулии дар шартнома мебошад. пешбинишудабо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешавад.
б) Шартҳои шартномавии дороии молиявӣ дар муҳлати муайяншуда ворид шудани воситаҳои пулиро, ки асосан пардохти маблағи қарзи асосӣ ва фоиз аз қисми пардохт нашудаи қарзи асосӣ мебошанд, таъмин менамоянд.

Арзиши тавозунии ин дороиҳо вобаста ба зарарҳои қарзии пешбинишуда тасҳеҳ карда мешавад. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба “Даромадҳои фоизӣ” ҳамроҳ карда мешавад

*Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути дигар даромади муштарак (ДДМ) баҳо дода мешавад:*

а) Дорои дар раванди бизнес-модел, идоракунии дороиҳо бо мақсади ворид шудани воситаҳои пулии пешбинишуда дар асоси шартнома ва инчунин бо мақсади фуруши ин дороиҳои молиявӣ нигоҳ дошта мешавад.

б) Шартҳои шартномавии дороии молиявӣ дар мухлати муайяншуда ворид шудани воситаҳои пулиро, ки асосан пардохти маблағи қарзи асосӣ ва фоиз аз қисми пардохт нашудаи қарзи асосӣ мебошанд, таъмин менамоянд.
Тағйирёбии арзиши тавозуни дар таркиби дигар даромадҳои муштарак эътироф карда мешавад. Эътирофи зарарҳои қарзии пешбинишуда, даромадҳои фоизӣ ва тағйирёбии арзиши асъори хориҷӣ дар таркиби фоида ва зарар мешавад. Вақти аз эътибор соқит намубани дорой, фоида ва зарари маҷмӯӣ дар дигар дороиҳои муштарак эътирофшуда ба фоида в зарар тасниф карда мешавад. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба "Даромадҳои фоизӣ" ҳамроҳ карда мешавад.

*Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад:*

Муассиса дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад ҳамон дороиҳои молиявиеро ворид мекунад, ки ба шартҳои ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода шаванда ва бо арзиши одилона тавассути дигар даромади муштарак (ДДМ) баҳо дода шаванда мутобиқ нест. Фоида ва зарари сармоягузории қарзӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешаванд ва ба таркиби воситаҳои хеджкунонӣ дохил намешаванд дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ҳамчун "Даромадҳои софи тиҷоратӣ" дар ҳамон даврае, ки пайдо шуданд инъикос менамояд. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба "Даромадҳои фоизӣ" ҳамроҳ карда мешавад.

Ҳангоми эътирофи аввалияи дороии молиявӣ Муассиса метавонад бо хоҳиши худ, бе ҳуқуқи аз нав таснифкунӣ, ҳамчун бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо додашаванда тасниф кунад, агар ин барои бартараф ё куллан кам намудани пайдарҳам набудани муносибат ба баҳодиҳӣ ва эътирофи дороиҳои молиявӣ, ки минбаъд аз якчанд асосҳои баҳодиҳии дорой ё уҳдадорӣ инчунин фоида ва зарари бо он вобаста ба вуҷуд меомад.

Дороиҳои молиявии ба ягон категория муайян нашуда ба категорияи дороиҳое, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад, ворид карда мешавад.

***Азнавгурӯҳбандӣ***

Муассиса дороиҳои молиявиро танҳо ва танҳо ҳангоми ба бизнес-модели барои идоракунии дороиҳои молиявӣ истифодашаванда, ки ба дороиҳои мазкур таъсир мерасонанд, тағйирот ворид намудан, ва агар ин тағйирот нисбат ба амалиётҳои Муассиса назаррас бошад, азнавгурӯҳбандӣ карда мешавад. Агар Муассиса дороиҳои молиявиро азнавгурӯҳбандӣ кунад, азнавгурӯҳбандӣ дурнамоёна аз рӯзи азнавгурӯҳбандӣ амалӣ мешавад. Муассиса фоида, зарар ё фоизҳои пеш эътироф намудаашро аз нав ҳисоб намекунад.

***Қатъ намудани эътирофкунии дороиҳои молиявӣ***

Отражение финансового актива (или, если применимо, части финансового актива или части группы аналогичных финансовых активов) прекращается, когда:

- • амалидошти ҳуқуқҳо барои гирифтани воситаҳои пулӣ аз дорой қатъ гардид;
- Муассиса ҳуқуқҳои худро барои гирифтани воситаҳои пулӣ аз дорой таҳвил намуд ва ё ҳуқуқи гирифтани воситаҳои пулиро аз дорой дар ихтиёри худ монду ӯҳдадории пардохти онҳоро ба тарафи сеюм бе таъхири назаррас тибқи созишнома дар бораи «гузариш» ба зиммаи худ гирифт; ва
- Муассиса ё (а) тамоми хавфу фоидаҳоро аз рӯи дорой таҳвил намуд, ё (б) тамоми хатару фоидаҳоро на таҳвил намуду на дар ихтиёри худ мононд, вале назоратро аз рӯи дороиҳо таҳвил кард.

***Тағйир додани гардиши пулии дар шартнома пешбинишуда***

Дар ҳолатҳое ки Муассиса гардиши пулии дар шартнома пешбинишудаи дороиҳои молиявиро азнав дида мебарояд ё тағйир додани мешавад, Муассиса то чи андоза назаррас будани тағйирот нисбати шартҳои пештараро баҳо медиҳад.

Агар шартҳо фарқияти назаррас дошта бошанд, Муассиса эътирофи дороии молиявии пештараро қатъ карда дороии молиявии навро бо баҳодиҳии одилона эътироф менамояд ва барои дороии молиявӣ меъёри фоизи самаранокро аз нав ҳисоб менамояд. Сана ҳангоми дубора дида баромадани беқурбашивӣ санаи азнавдидабароии шартҳо ба шумор меравад, аз ҷумла бо мақсади муайян намудани он, ки баландшавии назарраси хавфи қарзиро дорост ё не. Аммо Муассиса инчунин оё дороии молиявии эътирофшуда аз аввал беқурбшуда ҳисобида шуданашонро баҳо медиҳад, махсусан дар ҳолатҳое, ки азнавдидабарой бо он асоснок карда шуда буд, ки мизоҷ пардохти аз аввал маслиҳаткардашударо пардохт карда натавонист. Фарқияти арзиши тавозунии дороиҳои молияви дар ҳисобот оиди фоида ва зарар нишон дода мешаванд.

Агар шартҳо тағйироти назаррас надошта бошанд, азнавдидан ё тағйирот ба беэътиборӣ оварда намерасонад, Муассиса  меъёри фоизи самаранокро аз рӯи тағйирот ҳисоб менамояд, таъсирот ба даромади фоизӣ ҳамроҳ эътироф карда мешавад.

Агар тағйирот мувофиқи методологияи ҳисоби зарари пулии пешбинишаванда ба баландшавии назарраси хавф оварда расонад, таъсироти тағйироти шартнома ба ҳисоб кардани беқурбшавӣ, мувофиқи методоголия таъсир мерасонад, дар Тавзеҳоти 17 пешниҳод шудааст.

*Гурӯҳбандӣ ва баҳисобгирии минбаъдаи уҳдадориҳои молиявӣ*

Муассиса ҳамаи уҳдадориҳои молиявиро ҳамчун бо пайгирии нархи истеҳлокӣ баҳододашаванда гурӯҳбандӣ карда менамояд, ба истиснои:

а) уҳдадории молиявии бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳододашаванда;
Чунин уҳдадорӣ, бо уҳдадории воситаҳои маҳсулӣ буданашон, минбаъд бо арзиши одилони баҳо дода мешаванд;

б) уҳдадориҳои молиявие, ки дар ҳолате пайдо мешаванд, ки интиқоли дороии молиявӣ барои қатъ кардани эътирофкунӣ ё вақте ки омилҳои баҳисобгирии иштироки давомдор истифода мешавад, ба талаботҳо ҷавобгӯ нестанд;

в) шартномаи кафолати молиявӣ ва уҳдадориҳои пешниҳоди қарз бо меъёри фоизӣ аз меъёри бозорӣ паст бошад. Баъди эътирофи аввал чунин шартномаҳо бояд минбаъд аз бузургии зиёдтарини зерин баҳо дода шаванд:
i. маблағи ташкил намудаи захираҳои Муассиса бо зарар баҳододашуда;
ii. маблағи аз аввал эътирофшуда бо тарҳи маблағи умумии даромад, агар ҷой дошта бошад;

г) ҷуброни шартӣ, ҳангоми якҷоя кардани тиҷорат эътироф кардани харидор. Ин шарти ҷуброн намудан минбаъд бо арзиши одилона баҳо дода шуда, тағйироти он дар фоида ва зарар эътироф карда мешаванд;

Ҳангоми эътирофи аввалини уҳдадории молиявӣ Муассиса метавонад бо хоҳиши худ бе ҳуқуқи баъдан азнавгурӯҳбандӣ кардан, ҳамчун бо арзиши одилона баҳодиҳӣ тавассута фоида ва зарар гурӯҳбандӣ кунанд.

*Ҳисоббаробаркунии дороиҳо ва уҳдадориҳои тарафайн*

Дороиҳо ва уҳдадориҳои молиявии Муассиса ҳисоббаробаркунии тарафайн мешавад ва дар ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ дар ҳолате дар шакли пӯшида нишон дода мешаванд, ки агар барои ин асосҳои ҳуқуқӣ ва тарафҳо оид ба идоракунии нетто – асос ё дар як вақт фурухтан ва иҷрои уҳдадориро ният дошта бошанд.

*Аз эътибор соқит кардани уҳдадориҳои молиявӣ*

Уҳдадории молиявӣ (ё кисми он) дар ҳисоббаробаркунӣ ва ҳисоботҳои молиявӣ аз эътибор соқит карда мешавад, ки агар:

(а) маблағи ҷавобгӯ ба кредитор баргардонида мешавад, умуман бо пули накд, дигар дороихои молияви, молхо ё хизматрасони,
(б) қарздор аз масъулаияти аввалаи худ нисбат ба уҳдадории молиявӣ озод мешавад, хамчун натичаи расмиёти хукуки ё натичаи карори кредитор.

Шартҳо назаррас тағйирёфта ҳисоб мешаванд, агар арзиши ҷории холиси гардиши воситаҳои пулӣ дар шартҳои нави маблағгузорӣ бо истифодаи меъёри самараноки фоизи аввала (яъне бо воситаи аввалаи қарзӣ) ба ҳисоб гирифташуда аз 10 фоизи арзиши ҷории холиси пардохтҳои боқимонда бо воситаи қарзии аввала мувофиқи шартҳои пештар амалкунанда кам набошад.

**Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо**

Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо воситаҳои пулии хазина, воситаҳои дар бонкҳо буда ва сармоягузориҳои бозоргири кутоҳмуддатро дар бар мегиранд, ки онҳо дар муддати кӯтоҳ озодона дар ҳаҷми марбута ба воситаҳои пулии нақд табдил дода мешаванд.

**Қарзҳои ба мизоҷон додашуда**

Қарзҳои ба мизоҷон додашуда дороиҳои молиявие мебошанд, ки онҳо воситаҳои маҳсулии молиявии дорои ҷараёни пулии устувор ё муайяншаванда, ки нархгузориҳои бозорӣ надоранд, маҳсуб намегарданд, ба истисноии дороиҳое, ки ба категорияҳои дигари воситаҳои молиявӣ тасниф карда мешаванд.

Қарзҳое, ки Муассиса пешниҳод мекунад, дар баҳисобгирӣ нахуст аз рӯи арзиши одилонае инъикос мегарданд, ки ба он хароҷоти амалиётии бевосита бо харидорӣ ё таъсиси чунин дороиҳои молиявӣ вобастабуда зам карда мешаванд. Дар сурате, ки агар арзиши одилонаи воситаҳои пешниҳодгардида баробари арзиши одилонаи қарз набошад (масалан, дар ҳолати пешниҳодкунии қарз аз рӯи меъёре, ки аз меъёри бозорӣ пасттар аст), фарқияти байни арзиши одилонаи воситаҳои пешниҳодгардида ва арзиши одилонаи қарз дар рафти эътирофи нахустини қарз ҳамчун зарар инъикос карда шуда, дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади муштарак мутобиқи хусусияти ин зарарҳо пешниҳод карда мешавад. Минбаъд қарзҳо аз рӯи арзиши истеҳлокӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ инъикос мегарданд. Қарзҳое, ки ба мизоҷон пешниҳод мегарданд, бо тарҳи хароҷоти захираҳо барои беқурбшавӣ инъикос карда мешаванд.

**Аз ҳисоб баровардани қарзҳо ва воситаҳо**

Дар сурати ғайриимкон будани ситонидани қарзҳои пешниҳодгардида, аз ҷумла бо роҳи ба таъминот табдил додани ситониш, онҳо аз ҳисоби захираҳое, ки барои беқурбшавӣ пешбинӣ шудаанд, аз ҳисоб бароварда мешаванд. Баъди аз ҷониби роҳбарияти Муассиса ҷиҳати ситонидани маблағҳои ба Муассиса тааллуқдошта андешидани тамоми чораҳои зарурӣ ва фурӯхтани таъминоти кафолатии нақдӣ қарзҳо ва воситаҳои пешниҳодгардида аз ҳисоб бароварда мешаванд. Ҷуброни минбаъдаи маблағҳои азҳисоббаровардашуда дар ҳисоботи маҷмуии дар бораи даромади муштараки давраи ҷубронкунӣ ҳамчун камшавии хароҷотҳои ба беқурбшавии дороиҳои молиявӣ вобастабуда инъикос карда мешавад.

**Захираи беқурбшави аз рӯи талафотҳои чашмдошти қарзи**

Муассиса захираи беқурбшавиро аз рӯи талафотҳои чашмдошти қарзи (минбаъд «ТЧҚ») тибқи қарзҳои додашуда эътироф мекунад. Муассиса ин зарарҳоро барои ҳар як санаи ҳисоботӣ бо роҳи арзёбии далелҳои объективӣ оид ба арзонкунӣ эътироф менамояд. Модели арзёбии активҳои молиявии арзонкунӣ арзёбии зарарҳои қарзии дар гумон бударо бо тақсимот ба онҳое, ки дар давоми 12 моҳ пешбинӣ мешаванд ва ба онҳое дар давоми ҳамаи муҳлати амали активҳои молиявӣ гумон меравад, пешбинӣ менамояд.

Модели зарарҳои пешбинишудаи Муассиса аз рӯи принсипҳои зерин сохта шудааст:

Марҳилаи 1: Зарарҳои қарзии пешбинишуда, ки дар ҳолати беқурбшавии имкондошта дар давоми 12 моҳи санаи ҳисоботӣ пайдо мешаванд;
Марҳилаи 2: Зарарҳои қарзии пешбинишуда, ки ҳангоми беқурбшавии имкондошта дар давоми давраи ҳадди ниҳоии шартномавӣ, ки дар давоми он ба қарздиҳанда таваккали қарзӣ таҳдид мекунад, пайдо мешавад.
Марҳилаи 3: Зарарҳои қарзии пешбинишуда, ки ҳангоми беқурбшавии имкондошта дар давоми давраи ҳадди ниҳоии шартномавӣ пайдо мешавад, дар ин ҳолат даромади фоизӣ аз рӯи миқдори сифатнок ба арзиши тавозун бо нигоҳ доштани захираи ташаккулёфта ба ҳисоб гирифта мешавад.

Арзёбии зарарҳои қарзии пешбинишуда ҳисоби объективиро, ки ба сатҳи болоравии эҳтимолӣ инъикос мекунад, ки он тавассути арзёбии як қатор имкониятҳои натиҷавӣ муайян карда мешавад.

Муассиса зарарҳои қарзии пешбинишуда аз рӯи инструменти молиявӣ арзёбӣ менамояд, ки он инҳоро инъикос мекунад:

маблағи дуруст ва санҷидашуда бо назардошти эҳтимолият, ки бо роҳи арзёбии ҳаҷми натиҷаҳои имкондошта муайян карда шудааст;

а) арзиши муваққатии пул; ва

б) иттилооти асоснок ва тасдиқшуда дар бораи рӯйдодҳои қаблӣ, шароитҳои ҷорӣ ва шароитҳои иқтисодии тахминии минбаъда, ки ба санаи ҳисоботӣ бе хароҷоти аз ҳад зиёд ё кӯшишҳо дастрас мебошанд.

Муассиса барои зарарҳои қарзии эҳтимолӣ аз рӯи инструментҳои молиявӣ, ки ба категорияи арзёбишаванда аз рӯи арзиши одилона бо инъикоси тағйироти он дар таркиби даромад ва зарарҳо дохил намешаванд, захираи арзонкунӣ таъсис медиҳад, аз ҷумла:

- активҳои молиявӣ, ки инструментҳои қарзӣ мебошанд;
- қарзи дебиторӣ аз рӯи иҷораи (молиявӣ);
- шартномаҳои кафолатии молиявии додашуда; инчунин
- уҳдадориҳои аз рӯи қарз додашуда.

Зарарҳо аз арзонкунӣ тибқи маблағгузорӣ дар инструментҳои ҳиссавӣ дар ҳисоббаробаркунӣ инъикос намеёбанд.

Ҷамъият захираи арзёбишударо барои зарарҳо дар давоми мӯҳлати зарарҳои қарзии эҳтимолӣ, ба истиснои инструментҳои зерин, ки барои онҳо чунин зарарҳо ҳамчун зарараҳои қарзии пешбинишуда дар давоми 12 моҳ ба ҳисоб гирифта мешаванд, аз ҷумла:

- коғазҳои арзишноки қарзии инвеститсионӣ, ки ҳамчун таваккали ками қарзӣ ба санаи ҳисоботӣ муайян карда мешаванд; ва
- дигар инструментҳои молиявӣ (ғайр аз қарзҳои дебиторӣ), ки аз рӯи онҳо таваккали қарзӣ баъди инъикоси ибтидоии онҳо дар ҳисоббаробаркунӣ ба таври назаррас боло нарафтанд.

Захираи арзёбишуда оид ба зарарҳо барои қарзи дебиторӣ аз рӯи иҷораи (молиявӣ) ҳамеша барои тамоми мӯҳлати эҳтимолии зарарҳои кредитӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Муассиса чунин мешуморад, ки коғази арзишноки қарзӣ таваккали ками қарзӣ дорад, агар рейтинги қарзӣ ба мафҳуми эътирофшудаи байналмилалии «дараҷаи инвеститсионӣ» мувофиқат намояд.

Зарарҳои қарзии пешбинишуда дар давоми 12 моҳ дар худ як қисми зарарҳои қарзии эҳтимолиро таҷассум мекунанд, ки дар натиҷаи беқурбшавӣ аз рӯи инструменти молиявӣ дар давоми 12 моҳи баъди санаи ҳисоботӣ пайдо мешаванд.

Зарарҳои қарзии пешбинишуда дар худ бо назардошти эҳтимолияти арзёбии зарарҳои қарзии мувофиқ инъикос менамоянд. Онҳо ба таври зерин арзёбӣ мешаванд:

- барои активҳоли молиявие, ки дар санаи ҳисоботӣ активҳоли молиявии арзоншуда намебошанд: ҳамчун арзиши овардашудаи ҳамаи арзишҳои пулие, ки аз рӯи онҳо гирифта нашудаанд (ё худ бақияи анбӯҳи пулҳое, ки гирифтани онҳоро муассиса аз рӯи шартнома пешбинӣ менамояд ва онҳое, ки Муассиса умеди гирифтан дорад);
- барои активҳои молиявие, ки дар санаи ҳисоботии активҳои қарзӣ арзоншуда мебошанд: ҳамчун бақия байни арзиши умумии тавозунӣ ва арзиши овардашудаи анбӯҳи пулҳои эҳтимолан минбаъд воридшаванда;
- барои уҳдадориҳо аз рӯи пешниҳоди заёмҳо: ҳамчун арзиши овардашудаи бақия дар байни анбӯҳи пулҳо, ки шартнома пешбинӣ намуда, дар ҳолати истифодаи уҳдадорӣ оид ба додани заём ва анбӯҳи пулҳо ба Муассиса тааллуқуқ доранд ва Муассиса умеди гирифтани онҳоро дорад; инчунин;
- барои шартномаҳои кафолати молиявӣ: ҳамчун пардохтҳои пешбинишуда, ки ба зарардида ҷуброн мешавад, бо нигоҳ доштани ҳама гуна маблағе, ки Муассиса аз рӯи тартиби ҷарима умеди гирифтани онҳоро дорад.

Тағйирёбии талафотҳои қарзии чашмдошт бо истифодаи ҳисоби захира ба фоида гузаронида мешавад. Дороиҳои дар тавозун инъикос ёфта ба миқдори талафоти қарзии чашмдошт кам карда мешаванд. Омилҳоеро, ки Муассиса ҳангоми таҳқиқи беғаразонаи муайян намудани гувоҳҳои ба вуҷуд омадани талафот аз беқурбшавӣ арзёбӣ менамояд инҳоро дар бар мегиранд: маълумот оиди бозоргирии қарздор ё эмитент, қобилияти қарзсупории онҳо, хавфҳои тиҷоратӣ ва молиявӣ,

сатҳ ва тамоюли иҷро нагардидани ӯҳдадориҳо нисбат ба дороиҳои моливии шабеҳ, шароит ва тамоюли иқтисодии пешгувандаи миллӣ ва маҳалӣ, ва инчунин арзиши одилонаи таъминот ва кафолатҳо. Ҳамин ва дигар омилҳо дар алоҳидагӣ ё ҷамъ ба таври васеъ гувоҳҳои беғаразона барои эътирофи талафоти чашмдошти қарзии дорои молиявӣ ё гурӯҳи дороиҳои молиявиро дар бар мегиранд.

Дар Тавзеҳоти 9 дар бораи он ки чӣ тавр арзонкунӣ оид ба зарарҳои қарзии пешбинишуда арзёбӣ мешаванд, иттилооти нисбатан муфассал вуҷуд дорад.

Муассиса арзёбӣ ва ҳисоббаробаркунии захираро оид ба арзонкунии қарзҳо мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоббаробаркунии молиявӣ (IFRS) 9 «Инструментҳои молиявӣ» мегузаронад.

**Воситаҳои асосӣ**

Мебел, таҷҳизотҳои офис, воситаҳои нақлиётӣ, ва дигар дороиҳои асосӣ бо арзиши таърихӣ тарҳи арзиши истеҳлок инъикос мегарданд. Биноҳо бо арзиши азнавбаҳододашуда тарҳи арзиши истеҳлок ва ё ин ки зарари ҷамъшуда дар мавриди мавҷудияти он ба ҳисоб гирифта мешаванд. Чунин арзиш арзиши харид ва ё сохтмони биноҳо ва хароҷоти қарзӣ дар мавриди сохтмони дарозмуддатро дар бар мегирад, агар шартҳои эътироф амалӣ шудабошанд. Дар мавриди зарурияти ивазкунии ҷузъҳои асосии воситаҳои асосӣ дар фосилаҳои муайян Муассиса эътирофи ҷузъи ивазкардашударо қатъ мекунад ва ҷузъҳои нав бо муддати истифодаи муфид ва истеҳлоки мувофиқ ба эътироф гирифта мешаванд.

Афзоиши арзиш дар натиҷаи азнавбоҳдиҳӣ бевосита дар таркиби сармоя, дар захира оиди азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ ба эътироф гирифта мешавад,бо истиснои мавриде, ки он камшавии пештари воситаҳои асосиро ҷуброн мекунад, ки дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ ба вуҷуд омадааст ва ё дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади муштарак эътироф шудааст, дар ин маврид вай дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва даромади муштарак ба ҳисоб гирифта мешавад. Камкунии арзиш дар натиҷаи азнавбаҳодиҳӣ дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва даромади муштарак эътироф карда мешавад, бо истисное мавриде, ки он афзоиши пештари воситаҳои асосиро ҷуброн мекунад ва дар захира оид ба азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ ба ҳисоб гирифта шудааст.

Истеҳлок аз рӯи арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ, бо мақсади аз ҳисоб баровардани дороиҳо дар давоми мӯҳлати истифодабарии муфид, ҳисоб карда мешавад. Ҳисобкунии истеҳлок дар асоси усули ростхатта бо истифодабарии меъёрҳои зеромада ба амал меояд:

| | |
|---|---|
| Таҷҳизоти офисӣ | 20% |
| Мебел | 20% |
| Дигарҳо | 20% |

Истеҳлоки беҳдошти моликияти баиҷорагирифташуда дар давоми мӯҳлати истифодаи муфиди ин намуди дороиҳо ҳисоб карда мешавад. Хароҷотҳо оиди таъмири ҷорӣ ва асосӣ (капиталӣ) дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади дигари муштарак дар ҳайати хароҷотҳои амалиётӣ дар давраи ба воқеъ омадани онҳо ба шарте нишон дода мешаванд, ки онҳо ба талаботҳои капитализатсия ҷавобгӯ набошанд

Ба ҳар санаи ҳисоботӣ Муассиса месанҷад, ки оё арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ аз арзиши барқароркунии онҳо бештар аст ё не. Арзиши барқароркунӣ нишондиҳандаест, ки аз арзиши одилона бо назардошти нигоҳ доштани хароҷоти барои фурӯш сарфгардида ва арзиши истеъмолӣ калонтар аст. Дар сурати аз арзиши барқороркунии худ афзун гардидани арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ Муассиса арзиши тавозунии воситаҳои асосиро то ба сатҳи арзиши барқароркунии онҳо кам мекунад. Баъди инъикоскунии зарар аз беқурбшавии ба миён омада, баровардҳои истеҳлокӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ дар давраҳои минбаъда тасҳеҳ карда мешаванд, то ин ки арзиши тавозунии дороиҳо бо назардошти тарҳи арзиши боқимонда (агар он пешбинӣ карда шавад) тариқи баробар дар давоми мӯҳлати боқимондаи истифодабарии муфид тақсим карда шавад.
Дар мавриди аз тавозун баровардани воситаҳои асосии азнавбаҳододашуда, ҷамъи мутобиқи онҳо, ки дар захира оид ба азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд ба таркиби даромади тақсимношуда гузаронида мешаванд.

***Андоз аз фоида дар давраи ҷорӣ***

Маблағи хароҷот барои андоз аз фоида дар давраи ҷорӣ бо назардошти ҳаҷми фоидаи андозбандишавандае, ки дар давоми сол ба даст оварда шудааст, муайян карда мешавад. Фоидаи андозбандишаванда аз фоидаи софе, ки дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади дигари муштарак инъикос гардидааст, фарқ мекунад, чунки он моддаи даромадҳо ё хароҷотеро, ки барои андозбандӣ ё хароҷот бо мақсади андозбандӣ дар солҳои дигар пешбинӣ шудааст, дар бар намегирад, инчунин моддаҳои андозбандинашавандаи бо мақсади андозбандӣ ба ҳисоб гирифтанашавадаро истисно мекунад. Ҳисобкунии хароҷоти Муассиса барои андоз аз фоида дар соли ҷорӣ бо истифода аз меъёри андоз, ки дар давоми давраи ҳисоботӣ ворид карда шудааст, ба амал оварда мешавад.

***Андоз аз фоидаи мавқуфгузошташуда***

Андози мавқуфгузошташуда дар асоси усули баҳисобгирии тавозунӣ инъикос гардида, талабот ё ӯҳдадориҳоро оид ба андоз аз фоида ифода мекунад, ки он дар асоси фарқият байни арзиши тавозунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо ва маълумотҳои марбутаи баҳисобгирии андозӣ, ки барои ҳисобикунии фоидаи андозбандишаванда истифода мегардад, ҳисоб карда мешавад. Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда одатан дар нисбати тамоми фарқиятҳои замонӣ, ки фоидаи андозибандишавандаро афзун мегардонанд, инъикос меёбанд, талаботҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ бошанд, бо назардошти эҳтимолияти дар оянда ба миён омадани фоидаи андозбандишаванда барои ба ҳисоб гирифтани дороиҳои марбутаи андозӣ инъикос карда мешаванд. Чунин талаботу ӯҳдадориҳои андозӣ дар сурате дар ҳисоботи мазкури молиявӣ инъикос намегарданд, ки агар фарқиятҳои замонӣ бо обруву эътибори касбӣ вобаста буда, дар натиҷаи эътирофи аввалияи (ғайр аз муттаҳидшавии Бонкҳо) талаботу ӯҳдадориҳои дигар дар чаҳорчӯбаи амалиётҳое, ки ба ҳаҷми фоидаи андозбандишаванда ё муҳосибӣ таъсир намерасонанд, ба миён омада бошанд.

Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда бо назардошти фарқиятҳои замонии андозбандишаванда инъикос карда мешаванд, дар ин вақт Муассиса имконият пайдо мекунад, ки мӯҳлати бозгардонии фарқияти замониро назорат намояд ва эҳтимолияте пайдо мешавад, ки ин фарқияти замонӣ дар ояндаи наздик тағйир намеёбад. Дороиҳои мавқуфгузошташудаи андозие, ки дар натиҷаи бароварди фарқияти замонии бо ҳамин гуна сармоягузориву ҳиссаҳо вобастабуда ба миён меоянд, танҳо дар ҳаҷме, ки фоидаи кифояи андозбандишаванда ба даст омада метавонад, эътироф мегарданд, аз ҳисоби ин фоида имтиёзҳое, ки ба фарқияти замонӣ алоқамананд, истифода гардида, интизорӣ меравад, ки онҳо дар ояндаи наздик бекор карда мешаванд.

Арзиши тавозунии дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда дар ҳар санаи ҳисоботӣ тафтиш карда шуда, дар ҳаҷме, ки имконияти ба даст овардани фоидаро аз талаботи андозӣ, ки барои ҷуброни пурра ё ҷузъии доройӣ кифоя аст, истисно мекунад, кам карда мешавад.

Андозҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи меъёрҳое, ки тибқи пешбинӣ дар давраи бозпардохти қарз ё фурӯши доройӣ истифода мегарданд, ҳисоб карда мешаванд. Андозҳои мавқуфгузошташуда, ба истиснои ҳолатҳое, ки бо моддаҳои бевосита ба сармоя тааллуқдошта алоқаманд мебошанд, дар ҳисобот оид ба даромади муштарак инъикос карда мешаванд, дар ин сурат андозҳои мавқуфгузошташуда низ дар таркиби сармоя инъикос карда мешаванд.

Муассиса баҳисобгирии мутақобилаи талаботҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ ва ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташудаи андозиро ба амал оварда, дар ҳисоботи мазкури молиявӣ фарқияти натиҷавиро дар сурате инъикос менамояд, ки агар:

- Муассиса барои ба муқобили ӯҳдадориҳои ҷории андозӣ ба амал овардани баҳисобгирии талаботҳои ҷории андозӣ ҳуқуқи қонунӣ дорад; ва
- талаботҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ ва ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ ба андоз аз фоида тааллуқ доранд, ки он аз ҷониби ҳамон як мақомоти андозӣ аз ҳамон як субъекти андозбандишаванда ситонида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти Муассиса ин ҷо сурат мегирад, талабот бобати ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳои гуногун мавҷуд аст, ки онҳо илова ба андоз аз фоида нисбати фаъолияти Муассиса истифода карда мешаванд.

**Ӯҳдадориҳои шартӣ**

Ӯҳдадориҳои шартӣ дар тавозуни муҳосибӣ эътироф намешаванд, вале дар ҳисоботи мазкури молиявӣ шарҳ меёбанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки эҳтимолияти беруншавии воситаҳо дар натиҷаи пардохти онҳо кам аст. Дороии шартӣ дар тавозуни муҳосибӣ эътироф карда намешавад, лекин дар ҳисоботи молиявӣ дар сурати эҳтимолияти воридшавии манфиатҳои иқтисодӣ эзоҳ дода мешавад.

**Саҳмҷудокуниҳо аз буҷаи шаҳри Душанбе**

Саҳмҷудокуниҳо аз буҷаи шаҳри Душанбе барои маблағгузории Муассиса ва  фаъолияти он дар қисмати дороиҳои софи ҳисоботи оиди вазъи молияви инъикос мегардад.

**Ӯҳдадориҳои нафақавӣ**

Мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассиса маблағи пардохтҳои нафақавиро аз музди меҳнати кормандон боздошта, онҳоро ба фонди нафақавии давлатӣ мегузаронад. Низоми мавҷудаи таъминоти нафақавӣ ҳисобу китоби пардохтҳои ҷории кордиҳандаро ҳамчун фоиз аз пардохтҳои ҷории умумӣ ба кормандон пешбинӣ мекунад. Чунин хароҷот дар даврае, ки ба он пардохтҳои марбута ба кормандон тааллук доранд, эътироф карда мешаванд. Ҳангоми ба нафақа баромадан тамоми пардохтҳои нафақавӣ аз ҷониби фонди нафақавии дар боло ишорагардида ба амал оварда мешаванд. Муассиса ғайр аз иштирок дар низоми давлатии нафақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ягон нақшаи иловагии таъминоти нафақавӣ надорад. Ғайр аз ин, Муассиса ба кормандон пас аз ба нафақа баромаданашон ягон имтиёз пешниҳод наменамояд ва ё имтиёзи назаррасе, ки пардохти маблағро талаб мекунад, надорад.

**Эътирофи даромадҳо ва хароҷотҳо**

*Эътирофи даромад ва хароҷоти фоизӣ*

Даромаду хароҷоти фоизӣ аз рӯи принсипи ҳисобкунӣ инъикос ёфта, бо усули самараноки меъёри фоизӣ ҳисобу китоб карда мешаванд. Усули самараноки меъёри фоизӣ усуле мебошад, ки аз ҳисобкунии арзиши истеҳлокии дороии молиявӣ ё ӯҳдадории молиявӣ (ё гурӯҳи дороиҳои молиявӣ/гурӯҳи ӯҳдадориҳои молиявӣ), инчунин ба давраи марбута вобаста намудани даромади фоизӣ ё хароҷоти фоизӣ иборат мебошад.

Меъёри фоизи самаранок меъёри фоизие мебошад, ки тавассути он пардохтҳои интизоришавандаи оянда ё воридоти воситаҳои пулӣ дар давоми муҳлати пешбинишудаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ ба арзиши умумии тавозунии дороии молиявӣ ё арзиши истеҳлокшудаи ӯҳдадории молиявӣ оварда мерасонанд.

Агар дороии молиявӣ ё гурӯҳи дороиҳои молиявии якҷинса дар натиҷаи беқурбшавӣ аз ҳисоб бароварда шуда бошанд (қисман аз ҳисоб бароварда шуда бошанд), даромади фоизӣ бо назардошти меъёри фоизие муайян карда мешавад, ки он барои тахфифи воридоти минбаъдаи пулӣ ҷиҳати аз ҳисоб баровардани зарарҳои аз беқурбшавӣ бамиёномада истифода мегардад.

Фоизҳои аз дороиҳо бадастомада ва аз рӯи арзиши одилона арзёбишаванда ҳамчун даромади фоизӣ тасниф мегарданд.

*Эътирофи хароҷоти комиссионӣ*

Комиссияҳо барои кушодани суратҳисобҳои қарзӣ, инчунин барои хароҷоти марбутаи мустақиме, ки бо пешниҳодкунии қарзҳо вобастаанд, ҳамчун тасҳеҳоти меъёри самараноки фоизӣ аз рӯи қарзҳо инъикос карда мешаванд.

**Усули азнавҳисобкунии асъори хориҷӣ**

Воситаҳои пулӣ ва ӯҳдадориҳои дар асъори хориҷӣ ифодаёфта тибқи қурби марбутаи мубодилавие, ки ба санаи 31 декабр муқаррар карда шудааст, дар сомони аз нав ҳисоб карда мешаванд. Амалиётҳо бо асъори хориҷӣ аз рӯи қурби баҳисобгирӣ, ки дар санаи амалиётгузаронӣ муқаррар шудааст, инъикос карда мешаванд. Даромаду зарарҳое, ки аз чунин ивазкунӣ ба миён меоянд, дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади дигари муштарак ба даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ ворид карда мешаванд.

**Қурби мубодилавӣ**

Дар поён қурбҳои мубодилавие, ки дар охири сол амал мекарданд ва Муассиса онҳоро дар рафти таҳияи ҳисобот истифода кардааст, оварда мешаванд:

| | **31 декабри соли 2021** | **31 декабри соли 2020** |
|---|---|---|
| Сомонӣ / Доллар ИМА | 11.3 | 11.3 |

**Ба ҳисоб гирифтани дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ**

Дороии молиявӣ ва ӯҳдадории молиявӣ ба ҳисоб гирифта шуда, дар тавозун маблағи ба бақия баровардашуда инъикос карда мешавад, дар ин сурат Муассиса бояд барои баҳисобгирии маблағҳои дар тавозун эътирофгардида ҳуқуқи қонунӣ дошта бошаду аз рӯи маблағи ба бақия баровардашуда баҳисобгирӣ ба амал орад ё дар як вақт дороиҳоро фурӯхта, ӯҳдадориҳоро иҷро намояд. Дар сурати таҳвили дороии молиявие, ки ҳамчун аз ҳисоб баровардашуда баҳогузорӣ намегардад, Муассиса ин амалиётро ҳамчун аз ҳисоб баровардани дороии таҳвилгардида ва ӯҳдадории ба он мансуббуда эътироф намекунад.

**Соҳаи истифодаи назарраси баҳогузорӣ ва фарзияҳои роҳбарият**

Подготовка финансовой отчетности требует от руководства Учреждения выработки оценок и допущений, влияющих на приводимые в отчетности суммы активов и обязательств Учреждения, раскрытие условных активов и обязательств по состоянию на отчетную дату и приводимые в отчетности суммы доходов и расходов за отчетный период. Руководство Учреждения проводит оценки и допущения на постоянной основе, основываясь на предыдущем опыте и ряде прочих факторов, которые считает разумными в текущих условиях. Фактические результаты могут отличаться от данных оценок. Следующие оценки и допущения представляются важными для представления финансового состояния Учреждения.

*Захираҳо аз рӯи беқурбшавии қарзҳо ва ҳисобҳо барои қабул*

Муассиса муттасил қарзҳои додаи худро аз нуқтаи назари беқурбшавӣ тафтиш мекунад. Захираҳои Муассиса, ки барои беқурбшавӣ пешбинӣ шудаанд, барои эътироф намудани зарарҳое, ки дар ҷузвдони қарзӣ ва қарзҳои дебиторӣ дар натиҷаи беқурбшавӣ ба миён омадаанд, таъсис дода мешаванд. Муассиса баҳогузориҳои ҳисобиро, ки бо захираҳои барои беқурбшавии кредитҳо ва қарздории дебиторӣ пешбинишуда вобастаанд, сарчашмаи асосии номуайянии баҳогузориҳо медонад, чунки (i) онҳо ҳамеша дар зери таъсири тағйирот қарор доранд ва сабаби раванди мазкур ба он вобаста аст, ки фарзияҳо бобати нишондиҳандаҳои ӯҳдадориҳои иҷронашуда ва баҳогузории зарарҳои эҳтимолие, ки бо беқурбшавии кредитҳову қарзҳои пасандозӣ вобастаанд, ба натиҷаҳои охирини фаъолият асос меёбанд; ва (ii) ҳар гуна фарқияти назаррас байни зарарҳои баҳододашудаи Муассиса ва зарарҳои воқеӣ аз Муассисаро водор месозад захираҳое таъсис диҳад, ки онҳо ба ҳисоботи молиявии он дар давраҳои минбаъда таъсири назаррас расонида тавонанд.

Муассиса ақидаи роҳбариятро барои баҳогузории ҳар гуна зарари аз беқурбшавӣ бамиёномада дар сурате истифода мекунад, ки агар қарзгиранда мушкилиҳои молиявӣ дошта бошаду дар нисбати чунин қарзгирандагон маълумотҳои таърихӣ кам вуҷуд дошта бошанд. Муассиса тағйиротҳоро дар гардиши минбаъдаи воситаҳои пулӣ дар асоси таҷрибаи кории гузашта, рафтори мизоҷон дар давраи гузашта, маълумотҳои мавҷудае, ки тағйироти манфиро дар пардохтпазирии қарздорон дар гурӯҳ нишон медиҳанд, инчунин бо назардошти дигаршавии вазъи иқтисодии миллӣ ё маҳаллӣ, ки боиси иҷро накардани ӯҳдадорихо аз рӯи дороиҳо дар гурӯҳи мазкур мегарданд, баҳогузорӣ менамояд. Роҳбарият баҳогузориро дар асоси таҷрибаи таърихии ташаккули зарарҳое, ки ба дороиҳо бо тавсифоти хатари кредитӣ вобастаанд ва маълумотҳои воқеӣ дар бораи беқурбшавӣ истифода мекунад. Муассиса баҳогузории роҳбариятро барои тасҳеҳи маълумотҳое, ки вобаста ба гурӯҳи қарзҳо мавҷуданд, бо мақсади инъикоскунии ӯҳдадорихои ҷории дар маълумотҳои таърихӣ инъикоснаёфта истифода мекунад.

Бояд қайд кард, ки баҳодиҳии талафоти пешбинишудаи қарзӣ фактори субъективиро дар бар мегирад. Роҳбарияти Муассиса маблағи беқурбшавии ҳисобкардашударо барои пӯшонидани зараре, ки аз рӯи дороҳо, ба санаи ҳисоботӣ, ба хавфҳо дучоршаванда мебошанд, бо назардошти маълумотҳои пешгӯишуда комил мешуморад, гарчанде Муассиса дар давраҳои муайян метавонад

ба зараре дучор шавад, ки аз захираи оид ба талафоти пешбинишудаи қарзӣ ҳисобшуда зиёдтар мебошад.

Захираҳое, ки оиди беқурбшавии дороиҳои молиявӣ дар ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ шудаанд, дар асоси шароитҳои мавҷудаи иқтисодиву сиёсӣ муайян карда шудаанд. Муассиса тағйиротҳоеро, ки дар шароити сиёсиву иқтисодии кишвар ба амал омада метавонанду ин тағйиротҳо дар давраҳои минбаъда ба захираҳои оиди беқурбшавӣ пешбинишуда чӣ таъсире мерасонанд, пешгӯӣ карда наметавонад.

**Истифодаи стандартҳои байналмилалии нав ва таҷдидгардидаи ҳисоботи молиявӣ**

Муассиса чунин стандартҳову тавзеҳоти нав ва ё таҷдидгардидаро, ки аз ҷониби Кумитаи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва Кумита оид ба шарҳи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (КШСБҲМ) интишор гардида, дар рафти таҳияи ҳисоботи ҳарсолаи молиявии Муассиса дар соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфт, мавриди истифода қарор гирифт, истифода мекунад:

- Тағйирот ба СБҲМ 16 Иҷораи консессияҳои иҷораи COVID-19 ба иҷорагирандагон аз арзёбии он, ки консессияи иҷораи COVID-19 тағирёбии иҷора аст ё не, озод мекунад.
- Тағйирот ба СБҲМ 9, СБМ 39, СБҲМ 7, СБҲМ 4 ва СБҲМ 16 – Ислоҳоти меъёри фоизӣ (IBOR) Марҳилаи 2 амалӣ будани тағйироти талабкардаи ислоҳотро ифода намуда, равшан месозад, ки баҳисобгирии чархбол танҳо бо ислоҳоти IBOR қатъ карда намешавад, ва ифшои маълумоте, ки ба корбарон имкон медиҳад, ки хусусият ва дараҷаи хавфҳоеро, ки аз ислоҳоти IBOR ба вуҷуд меоянд ва ташкилот ба он дучор мешавад ва чӣ гуна ташкилот ин хатарҳоро идора мекунад, инчунин пешрафти ташкилот дар самти гузариш аз IBOR ба меъёрҳои алтернативии базавӣ, ва ташкилот ин гузаришро чӣ тавр идора мекунад.

Истифодаи стандартҳои нав ё таҷдидгардида ба вазъ ва натиҷаҳои молиявии Муассиса таъсири моддӣ накарданд.

**СБҲМ-и нав ё таҷдидгардида – интишорёфта, вале то ҳол қувваи амал пайдонакарда**

Муассиса стандартҳо ва тафсирҳои зеринро, ки аз ҷониби Кумитаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва Кумитаи тафсири стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд - "КТСБҲМ") дода шудаанд, нисбат ба ҳисоботи солонаи молиявии Муассиса барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст, истифода мебаранд:

- Тағйирот ба СБМ 16 Воситаҳои асосӣ - даромад пеш аз истифодаи пешбинишуда. Тағйиру иловаҳо тарҳ кардани ҳар гуна даромади аз фурӯши молҳоеро, ки ҳангоми ба ҷойгоҳ ва ҳолати зарурӣ овардани он барои фаъолияти он тибқи тартиби пешбининамудаи роҳбарият оварда шудаанд, манъ мекунад. Ба ҷои ин, ташкилот даромад аз фурӯши чунин молҳо ва хароҷоти истеҳсоли онҳоро дар фоида ё зиён эътироф мекунад. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2022 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ карда мешавад.

- Тағйирот ба СБМ 37 Захираҳо, ӯҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ Шартномаҳои вазнин – хароҷоти иҷрои шартнома. Тағйиру иловаҳо тавзеҳ медиҳанд, ки хароҷоти иҷрои қарордод хароҷоти бевосита ба шартнома алоқамандро дар бар мегирад. Хароҷотҳое, ки мустақиман ба шартнома алоқамананд, метавонанд ё хароҷоти афзояндаи иҷрои ин қарордод (масалан, меҳнати мустақим, мавод) ё тақсимоти дигар хароҷоте, ки бевосита ба иҷрои қарордодҳо алоқамананд (масалан, тақсимоти амортизатсия ба ашё метавонад бошад). воситаҳои асосӣ, ки ҳангоми иҷрои шартнома истифода мешаванд). Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2022 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ карда мешавад.

- Тағйирот ба СБҲМ 9 Воситаҳои молиявӣ – мушаххас мекунад, ки ҳангоми татбиқи меъёри 10 фоиз дар банди B3.3.6 СБҲМ 9 ҳангоми арзёбии он, ки оё ӯҳдадориҳои молиявӣ бояд қатъ карда шавад ё не. Ташкилот танҳо хироҷҳоеро дар бар мегирад, ки байни ташкилот (қарзгир) ва қарздиҳанда пардохта шудаанд ё гирифта шудаанд, аз ҷумла хироҷҳое, ки аз ҷониби субъект ё қарздиҳанда аз номи тарафи дигар пардохта шудаанд ё гирифтаанд. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2022 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ карда мешавад.

- СБҲМ 17 Шартномаҳои суғуртавӣ талаб мекунад, ки ӯҳдадориҳои суғуртавӣ аз рӯи арзиши ҳозира чен карда шаванд ва барои ҳама шартномаҳои суғурта муносибати бештари ченкунӣ ва пешниҳодро таъмин менамояд. Ин талабхо ба ноил шудан ба максади бахисобгирии пай дар пай, принципиалии шартномахои сугурта нигаронида шудаанд. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мешавад.

- Тағйирот ба СБМ 1 Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ таснифоти ӯҳдадориҳо ҳамчун ҷорӣ ё ғайриҷорӣ. Тағйиру иловаҳо барои таъмини мувофиқат дар татбиқи талаботҳо тавассути кӯмак расонидан ба субъектҳо дар муайян кардани он, ки қарз ва дигар ӯҳдадориҳои мӯҳлаташон номуайян бояд дар ҳисоботи вазъи молиявӣ ҳамчун ҷорӣ (пардохташаванда ё эҳтимолан пардохтшаванда дар давоми як сол) тасниф карда шаванд ё дарозмуддат пешбинӣ шудаанд. . Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мешавад.

- Тағйирот ба СБМ 1 Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ва Дастури таҷрибавии 2 аз ташкилот талаб мекунад, ки сиёсати муҳими баҳисобгирии худро на дар бораи сиёсати баҳисобгирии аввалия ифшо кунад. Тағйироти минбаъда тавзеҳ медиҳанд, ки чӣ гуна ташкилот метавонад сиёсати муҳими баҳисобгириро муайян кунад. Барои дастгирии ислоҳот, Раёсат инчунин роҳнамо ва мисолҳоро барои тавзеҳ ва нишон додани татбиқи «раванди чаҳормарҳилаи муайянкунии муҳимият» дар Дастури амалии 2 тавсиф кардааст.

- Тағйирот ба СБМ 8 Сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, Тағйирот дар баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва хатогиҳо таърифи тағирот дар баҳодиҳии баҳисобгирии муҳосибӣ бо таърифи баҳисобгирии муҳосибӣ иваз карда мешавад. Тибқи таърифи нав, баҳодиҳии муҳосибӣ «маблағҳои пулӣ дар ҳисоботи молиявӣ мебошанд, ки ба номуайянии тахминӣ дучор мешаванд». Ташкилотҳо тахминҳои баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия мекунанд, вақте ки сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ талаб мекунад, ки моддаҳои ҳисоботи молиявӣ ба тарзе баҳо дода шаванд, ки номуайянии тахминиро дар бар гирад. Тағиротҳо равшан мекунанд, ки тағирот дар баҳодиҳии муҳосибӣ, ки дар натиҷаи маълумоти нав ё таҳаввулоти нав ба вуҷуд омадааст, ислоҳи хатогӣ нест. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мешавад.

- Андози батаъхиргузори марбут ба дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки аз як амалиёти ягона бармеоянд (Тағйирот ба СБМ 12) тавзеҳот медиҳад, ки озодкунии эътирофи аввалия ба амалиётҳое, ки ҳангоми эътирофи аввал маблағи баробар фарқиятҳои муваққатии тарҳшаванда ва андозбандишаванда ба вуҷуд меоянд, татбиқ намегардад. Ба давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мешавад.

Муассиса стандартҳои мазкурро баъди санаи ба амал оғоз кардани онҳо истифода бурданӣ аст.

## 4. ДАРОМАДИ ФОИЗӢ

Даромадҳои фоизии Муассиса барои солҳое, ки 31 декабри соли 2021 ва 2020 анҷом ёфтааст, тариқи зайл пешниҳод шудааст:

| **Даромадҳои фоизӣ** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст.** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст.** |
|---|---|---|
| Қарзҳои ба мизоҷон пешниҳодгашта | 3,316,391 | 441,221 |
| Ҷамъ даромадҳои фоизӣ | 3,316,391 | 441,221 |

## 5. ТАШАККУЛИ ЗАХИРА ОИДИ БЕҚУРБШАВӢ ВА ТАЛАФОТИ ЧАШМДОШТИ ҚАРЗИИ ДОРОИҲО

Маълумот дар бораи гардиш дар захира оиди беқурбшави ва талафоти чашмдошти қарзии дороиҳо барои солҳое, ки 31 декабри соли 2021 ва 2020 анҷом ёфтааст, тариқи зайл пешниҳод шудааст:

| | **Аз рӯи воситаҳои пулӣ дар бонкҳо** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|
| Ба санаи 31 декабри соли 2019 | - | - |
| Ташаккул | 210,067 | 210,067 |
| Ба санаи 31 декабри соли 2020 | 210,067 | 210,067 |
| Баркарорсозӣ | (63,614) | (63,614) |
| Ба санаи 31 декабри соли 2021 | 146,453 | 146,453 |

## 6. ХАРОҶОТХОИ АМАЛИЁТӢ

Хароҷотҳои амалиётии Муассиса барои солҳое, ки 31 декабри соли 2021 ва 2020 анҷом ёфтааст, тариқи зайл пешниҳод шудааст:

| | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст.** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст.** |
|---|---|---|
| Музди меҳнат ва андозҳои ба он алоқаманд | 246,826 | 95,257 |
| Истеҳлоки воситаҳои асосӣ и дороиҳои ғайримодӣ | 52,374 | 21,661 |
| Аудит | 45,000 | - |
| Андоз ғайр аз андоз аз фоида | 18,980 | - |
| Хизматрасониҳо | 14,169 | - |
| Алоқа | 7,964 | 6,261 |
| Харочот барои маводи канселярӣ | 5,916 | 1,500 |
| Хизматрасонии бонк | 2,216 | 1,079 |
| Сузишворӣ | 2,000 | - |
| Реклама | 1,400 | - |
| Ҳисобкунии захираҳо аз рӯи рухсатии истифоданашуда | (3,295) | 5,758 |
| Хароҷотҳои коммуналӣ | - | 11,480 |
| Таъмир ва нигаҳдории воситаҳои асосӣ | - | 1,425 |
| Иҷора | - | 348 |
| Сафарҳои хизматӣ | - | 170 |
| Дигарҳо | 1,600 | 3,994 |
| | 395,150 | 148,933 |

## 7. АНДОЗ АЗ ФОИДА

Муассиса андозҳоро барои давраи ҷорӣ дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии андоз, ки он мутобиқи талаботи қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал оварда мешавад, ҳисоб мекунад. Қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ фарқ карда метавонад. Соли 2021 Муассиса ба низоми умумии андозбандии бо меъёри андози 23 % гузашт,барои соли 2020 Муассиса андоз аз фоида барои шахсони ҳуқуқӣ бо низоми соддакардашуда 5% бе тарҳ намудани ҳароҷотҳоро пардохт менамуд. Аз аввали соли 2022 меъёри андоз аз фоидабарои шахсони ҳуқуқӣ18% ташкил медиҳад.

Вобаста ба он, ки баъзе намудҳои хароҷот барои мақсадҳои андозбандӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд ва бо сабаби мавҷудияти даромадҳои андозбандинашаванда Муассиса бо фарқиятҳои доимии андозии муайян рӯ ба рӯ мегардад.

Андози мавқуф гузошташуда самараи софи андозбандиро аз фарқиятҳои замонӣ байни арзиши ҳисобии дороиҳову ӯҳдадориҳои ба ҳисоботдиҳии молиявӣ вобаста ва маблағе, ки бо мақсади андозбандӣ муайян карда мешавад, инъикос менамояд.

Фарқиятхои замоние, ки ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 мавҷуд буданд, асосан ба усулҳои гуногуни баҳисобгирии даромаду хароҷот, инчунин арзиши ҳисобии баъзе дороиҳо вобаста буданд.

| | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст** |
|---|---|---|
| Хароҷотҳо аз рӯи андози фоидаи ҷорӣ | 454,519 | 22,819 |
| Тағйирёбии хароҷотҳо аз рӯи андози мавқуфгузошташуда аз фоида | 40,203 | - |
| Хароҷот аз рӯи андоз аз фоида | 494,722 | 22,819 |

Тафовути муваққатии баҳисобгирии андоз ва ҳисоботи молияви зерин, ки боиси ба таъхир афтодани дороиҳои андоз дар санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 шудааст, зерин мебошад:

| | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст** | **Меъери самаранокии андоз** | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст** | **Меъери самаранокии андоз** |
|---|---|---|---|---|
| Фоида то андозбандӣ/ | 2,984,855 | | 456,365 | |
| Андоз аз рӯи меъёри муқарраршуда (23 % барои соли 2021 ва 5% барои соли 2020) | 686,517 | 23% | 22,819 | 5% |
| Самараи андозӣ аз фарқиятҳои доимӣ | (191,795) | -6.43% | - | - |
| Хароҷот аз рӯи андоз аз фоида | 494,722 | | 22,819 | |

Самараи андозӣ аз фарқиятҳои муваққатӣ ба ҳолати 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 тариқи зерин пешниҳод гардидааст:

| | 31 декабри с. 2021 | 31 декабри с. 2020 |
|---|---|---|
| **Дороиҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида:** | | |
| Талафоти чашмдошти қарзӣ барои воситаҳои пули дар суратҳисобҳо | 146,453 | - |
| Захираҳо аз рӯи рухсатии истифоданашуда | 2,463 | - |
| Ҳамагӣ дороиҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида | 148,916 | - |
| **Ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташудаи андоз аз фоида:** | | |
| Қисми истеҳлокнашудаи харочотҳои комиссиони | 372,267 | - |
| Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида | 372,267 | - |
| Ӯҳдадориҳои софи мавқуфгузошташудаи андозӣ | 223,351 | - |
| Ӯҳдадориҳои софи мавқуфгузошташудаи андозӣ (бо меъёри мукарраршудаи 18%) | 40,203 | - |

| | 31 декабря 2020 г. | Признано в отчете о прибылях или убытках | Признано в составе капитала | 31 декабря 2021 г. |
|---|---|---|---|---|
| **Фарқиятҳои муваққатӣ:** | | | | |
| Талафоти чашмдошти қарзӣ барои воситаҳои пули дар суратҳисобҳо | - | (26,362) | - | (26,362) |
| Захираҳо аз рӯи рухсатии истифоданашуда | - | (443) | - | (443) |
| Қисми истеҳлокнашудаи харочотҳои комиссиони | - | 67,008 | - | 67,008 |
| | - | 40,203 | - | 40,203 |

## 8. ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛИ ОНХО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо, ки дар ҳисобот оиди вазъи молиявӣ пешниҳод гардидаанд, фарогири ҷузъҳои зерин ҳастанд:

| | 31 декабри с. 2021 | 31 декабри с. 2020 |
|---|---|---|
| Воситаҳои пули дар суратҳисоб | 8,235,318 | 11,812,473 |
| Талафоти чашмдошти қарзӣ воситаҳои пулӣ дар суратҳисобҳо | (146,453) | (210,067) |
| | 8,088,865 | 11,602,406 |

## 9. ҚАРЗҲО БА МИЗОҶОН

Ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 қарзхо ба мизоҷон тариқи зерин пешниҳод шуданд:

| | 31 декабри с. 2021 | 31 декабри с. 2020 |
|---|---|---|
| Қарзҳо ба мизоҷон | 54,200,325 | 18,440,900 |
| Тарҳи талафоти чашмдошти қарзи оид ба қарзҳо ба мизоҷон | 372,267 | 169,309 |
| | 54,572,592 | 18,610,209 |

Муассиса ба мизоҷони худ қарзҳо барои рушди соҳаи истеҳсолоти шаҳри Душанбе пешниҳод мекунад. Дар поён иттилоот дар бораи бахшҳои қарздиҳӣ оварда шудааст:

| | 31 декабри с. 2021 | 31 декабри с. 2020 |
|---|---|---|
| **Таҳлил аз рӯи бахшҳо** | | |
| Истеҳсолот | 54,572,592 | 18,610,209 |
| | 54,572,592 | 18,610,209 |

Таҳлил оиди гардиш аз рӯи қарзҳои додашуда барои солҳои 2021 ва 2020 ба таври зерин пешниҳод мегардад:

| | ТЧҚ дар давоми 12 моҳ | ТЧҚ дар давоми мухлати умумии қарзҳои бе беқурбшави | ТЧҚ дар давоми мухлати умумии қарзҳои беқурбшуда | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| Ба ҳолати 1 январи соли 2020 | - | - | - | - |
| Қарзҳои додашуда дар давоми давра | 18,629,845 | - | - | 18,629,845 |
| Фоизхои хисобшуда дар давра | 456,365 | - | - | 456,365 |
| Қарзҳои пардохтшуда дар давоми давра | (476,001) | - | - | (476,001) |
| Гузариш ба Марҳилаи 1 | - | - | - | - |
| Гузариш ба Марҳилаи 2 | - | - | - | - |
| Гузариш ба Марҳилаи 3 | - | - | - | - |
| Ба ҳолати 31 декабри соли 2020 | 18,610,209 | - | - | 18,610,209 |
| Қарзҳои додашуда дар давоми давра | 41,776,266 | - | - | 41,776,266 |
| Фоизхои хисобшуда дар давра | 3,433,697 | - | - | 3,433,697 |
| Қарзҳои пардохтшуда дар давоми давра | (9,247,580) | - | - | (9,247,580) |
| Гузариш ба Марҳилаи 1 | - | - | - | - |
| Гузариш ба Марҳилаи 2 | - | - | - | - |
| Гузариш ба Марҳилаи 3 | - | - | - | - |
| Ба ҳолати 31 декабри соли 2021 | 54,572,592 | - | - | 54,572,592 |

Дар ҷадвали поён маълумот дар бораи сифати қарзҳои ба мизоҷон ба ҳолати 31 декабри соли 2021 ва 2020 додашуда оварда шудааст:

| | Қарзҳо то нигоҳдории захираҳо оиди беқурбшавӣ | Захираҳо оиди беқурбшавӣ | Қарзҳо бо нигоҳдории захираҳо оиди беқурбшавӣ | Захираҳо оиди беқурбшавӣ нисбати маблагхои карзҳо то нигоҳдории захираҳо оиди беқурбшавӣ (%) |
|---|---|---|---|---|
| Қарзҳое беқурбшуда: | | | | |
| - мӯҳлаташон нагузашта | 54,572,592 | - | - | 54,572,592 |
| **Ҳамагӣ қарзҳо ба мизоҷон** | 54,572,592 | - | - | 54,572,592 |

| | Қарзҳо то нигоҳдории захираҳо оиди беқурбшавӣ | Захираҳо оиди беқурбшавӣ | Қарзҳо бо нигоҳдории захираҳо оиди беқурбшавӣ | Захираҳо оиди беқурбшавӣ нисбати маблагхои карзҳо то нигоҳдории захираҳо оиди беқурбшавӣ (%) |
|---|---|---|---|---|
| Қарзҳое беқурбшуда: | | | | |
| - мӯҳлаташон нагузашта | 18,610,209 | - | - | 18,610,209 |
| **Ҳамагӣ қарзҳо ба мизоҷон** | 18,610,209 | - | - | 18,610,209 |

Иттилоот дар бораи таъмини замонатӣ аз рӯи қарзҳои додашуда ба таври зерин пешниҳод мегардад:

| | 31 декабри с. 2021 | 31 декабри с. 2020 |
|---|---|---|
| **Таҳлил аз рӯи таъминотӣ бо гарав** | | |
| Амволи ғайриманқул | 54,572,592 | 18,610,209 |
| | 54,572,592 | 18,610,209 |

Ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 маблағи сандуқи қарзӣ мутаносибан 54,572,592 ва 18,610,209 сомонӣ (бо назардошти фоизҳои хисобшуда) ташкил дод. Карзҳо ба мизочоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, пешниҳод карда шудаанд, ки ин аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дараҷаи муҳимияти муттаҳидгардонӣ ва дараҷаи баланди хатари қарзӣ дорад.

## 10. ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Ба санаи 31 декабри соли 2021 ва 2020 воситаҳои асосии Муассиса ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

| | Таҷҳизоти офисӣ | Мебел | Воситаҳои нақлиёт | Дигарҳо | Ҷамъ: |
|---|---|---|---|---|---|
| **Арзиш** | | | | | |
| 31 декабри с. 2019 | - | - | - | - | - |
| Воридот | 63,116 | 75,200 | - | 2,290 | 140,606 |
| 31 декабри с. 2020 | 63,116 | 75,200 | - | 2,290 | 140,606 |
| Воридот | 27,485 | 156,760 | 350,000 | 1,400 | 535,645 |
| 31 декабри с. 2021 | 90,601 | 231,960 | 350,000 | 3,690 | 676,251 |
| **Истеҳлоки ҷамъшуда** | | | | | |
| 31 декабри с. 2019 | - | - | | - | - |
| Дар давоми сол ҳисоб карда шуд | 9,467 | 11,280 | | 254 | 21,001 |
| 31 декабри с. 2020 | 9,467 | 11,280 | | 254 | 21,001 |
| Дар давоми сол ҳисоб карда шуд | 14,007 | 31,316 | 5,833 | 338 | 51,494 |
| 31 декабри с. 2021 | 23,474 | 42,596 | 5,833 | 592 | 72,495 |
| **Арзиши софи тавозунӣ** | | | | | |
| 31 декабри с. 2021 | 67,127 | 189,364 | 344,167 | 3,098 | 603,756 |
| 31 декабри с. 2020 | 53,649 | 63,920 | - | 2,036 | 119,605 |

Ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 Муассиса воситаҳои асосие, ки ба сифати таъмини ӯҳдадорӣ оиди гарав дода мешаванд, надошт.

## 11. ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 дороиҳои ғайримоддии Муассиса ба тариқи зайл пешниҳод гардидааст:

| | Дороиҳои ғайримоддӣ |
|---|---|
| **Арзиш** | |
| 31 декабри соли 2019 | - |
| Воридот | 4,400 |
| 31 декабри соли 2020 | 4,400 |
| 31 декабри соли 2021 | 4,400 |
| **Истеҳлоки ҷамъшуда** | |
| 31 декабри соли 2019 | - |
| Ҳисоб карда шуд | 660 |
| 31 декабри соли 2020 | 660 |
| Ҳисоб карда шуд | 880 |
| 31 декабри соли 2021 | 1,540 |
| **Арзиши софи тавозунӣ** | |
| 31 декабри соли 2021 | 2,860 |
| 31 декабри соли 2020 | 3,740 |

## 12. ДИГАР ӮҲДАДОРИҲО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 дигар ӯҳдадориҳои Муассиса ба тариқи зайл пешниҳод гардидааст:

| | 31 декабри с. 2021 | 31 декабри с. 2020 |
|---|---|---|
| Андоз аз фоида барои пардохт | 384,789 | - |
| Дигар андозҳо барои пардохт | 24,083 | - |
| Захира барои рухсатии истифоданашуда | 2,463 | 5,758 |
| | 411,335 | 5,758 |

## 13. САҲМҶУДОКУНИҲО АЗ БУҶАИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

29 январи соли 2021 бо Қарори раиси шаҳри Душанбе №40 ба Муассиса барои таъмин намудани шароити мусоид барои рушди соҳибкории истеҳсоли дар шаҳри Душанбе 30,000,000 сомони ҷудо карда шуд.

24 феврали соли 2020 бо Қарори раиси шаҳри Душанбе №124 ба Муассиса бо мақсади беҳбуд бахшидан ва таъмини самараноки фаъолияти Муассиса 275,000 сомони ҷудо карда шуд.

7 феврали соли 2020 бо Қарори раиси шаҳри Душанбе №69 ба Муассиса барои таъмин намудани шароити мусоид барои рушди соҳибкории истеҳсоли дар шаҳри Душанбе 30,000,000 сомони ҷудо карда шуд.

## 14. ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВИИ ШАРТӢ

**Ӯҳдадориҳо аз рӯи хароҷотҳои капитали**

Ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 Муассиса аз рӯи хароҷотҳои капитали ӯҳдадорӣ надошт.

**Ӯҳдадориҳои дорои хосияти қарзӣ, кафолатҳо ва дигар шартномаҳои молиявӣ**

Ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 Муассиса ӯҳдадориҳои дорои хосияти қарзӣ надошт.

***Даъвоҳои судӣ***

Ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 Муассиса даъвоҳои судии ки зидди он пешниҳод карда шудааст надошт

**Андозбандӣ**

Вобаста ба он ки дар қонунгузории тиҷоратӣ, аз ҷумла қонунгузории андози Тоҷикистон муқаррароте ҳастанд, ки духӯра шарҳ дода мешаванд, инчунин бо назардошти он ки мақомоти андоз вобаста ба фаъолияти Муассиса баъзан худраъёна муҳокимаронӣ мекунад, агар ягон амали мушаххаси ба шарҳу маънидоди қонунгузорӣ асосёфтаи роҳбарияти Муассиса аз ҷониби мақомоти андоз инкор карда шавад, ин боиси ҳисобкунии андозҳои иловагӣ ва ситонидани ҷаримаҳо мегардад. Чунин номуайянӣ, аз ҷумла, ба баҳогузории воситаҳои молиявӣ, ташаккули ҳаҷми захираҳо оиди беқурбшавӣ барои талафот ва муайянкунии сатҳи бозории нишондиҳандаҳои нархӣ аз рӯи аҳдҳо дахл дошта метавонад. Роҳбарияти Муассиса боварӣ дорад, ки тамоми андозҳои зарурӣ пардохт гардидаанд ва мутаносибан дар ҳисобот ягон хел захираҳо ҳисоб карда нашудаанд.

**Ҳолати иқтисодӣ**

Фаъолияти асосии иқтисодии Муассиса дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Аз сабаби он, ки қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ба вазъияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонанда мунтазам тағйир меёбанд, дороиҳо ва амалиётҳои Муассиса дар ҳолати вазниншавии вазъиятҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба хавф дучор мешаванд.

**Ҷубронпазирии дороиҳои молиявӣ**

Ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 дороиҳои молиявии Муассиса мутаносибан 62,661,457 ва 30,212,615 сомони -ро ташкил доданд. Ҷубронпазирии ин дороиҳои молиявӣ пеш аз ҳама аз самаранокии чораҳои буҷетӣ, ки дар кишварҳои гуногун барои расидан ба устувории иқтисодӣ нигаронида шудаанд, яъне омилҳое, ки дар доираи назорати Муассиса нестанд, вобаста мебошанд. Ҷубронпазирии дороиҳои молиявӣ аз тарафи Муассиса дар асоси шартҳое, ки ба санаи ҳисоботӣ мавҷуданд, муайян карда мешавад. Роҳбарияти Муассиса дар асоси ҳолатҳои воқеӣ ва маълумотҳои мавҷуда ақида дорад, ки дар давраи мазкур барои дороиҳои молиявӣ таъсис додани маблағи захира зарурате нест.

**Муҳити фаъолият**

Нисбат ба бозорҳои нисбатан рушдёфта бозорҳои давлатҳои рӯ ба инкишоф ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор хавфҳо ба монанди хавфҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, хавҳои ҳуқуқиву қонунгузорӣ дучор шуданашон мумкин аст. Таҷрибаи гузашта нишон дод, ки мушкилиҳои молиявии имконпазир ва ҳам мушкилиҳои молиявии дар воқеъ мавҷудбуда, дар қатори зиёдшавии дараҷаи хавфҳои имконпазир, ки хусусияти сармоягузориро ба давлатҳои иқтисодиёташон рӯ ба

инкишоф доранд, метавонанд ҳам ба иқтисодиёти давлат ва ҳам ба муҳити сармоягузории он таъсири манфӣ расонад.

Танзими санадҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли гузашта, ба тағйиротҳо рӯ ба рӯ аст. Эҳтимолияти тафсирҳои гуногуни андозӣ, асъорӣ ва қонунгузории гумрукӣ, инчунин, дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқиву фискалӣ, ки бо он Муассиса, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташро ба роҳ монда аст, рӯ ба рӯ мешавад, вуҷуд дорад. Самти рушди ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари ҳолат аз тадбирҳои иқтисодӣ, сиёсати андозӣ ва пуливу қарзи давлат вобастагӣ дорад, инчунин, тағйирот даровардан ба базаи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва ҳолати сиёсӣ дар давлатҳо самти онро муйан мекунад.

Ҳисоботи молиявии мазкур аз ягон ислоҳоте, ки метавонад барои ҳалли ин номуянӣ дар оянда зарур бошад, иборат нест. Ислоҳоти эҳтимолӣ ба ҳисобот дар ҳамон давра метавонад ворид карда шавад, ки зарурияти инъикоси он равшан аст ва баҳодиҳии арзишҳои рақамии онҳо имконпазир аст.

## 15. АМАЛИЁТҲО БО ШАХСОНИ ВОБАСТА

Дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва даромади дигари муштарак барои солҳое, ки 31 декабри 2021 ва 2020 анҷом ёфтаанд, маблағҳое, ки дар натиҷаи амалиётҳо бо шахсони вобаста ба миён омада буданд, чунин инъикос ёфтанд:

| | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст** | | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Амалиёт бо шахсони вобаста** | **Ҳамагӣ аз рӯи категория мутобиқи моддаҳои ҳисоботи молиявӣ** | **Амалиёт бо шахсони вобаста** | **Ҳамагӣ аз рӯи категория мутобиқи моддаҳои ҳисоботи молиявӣ** |
| Харочотҳои амалиётӣ: | | | | |
| - подошҳо ба ҳайати асосии кормандони идоракунанда | 71,191 | 395,150 | 18,000 | 148,933 |
| - пардохтҳо ба Фонди Иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 17,798 | 395,150 | 4,500 | 148,933 |

## 16. ИДОРАКУНИИ ДОРОИҲОИ ХОЛИС

Муассиса бо мақсади давом додани фаъолияти худ идоракунии дороиҳои холисро ба амал меорад.

Сохтори дороиҳои холиси Муассиса аз саҳмҷудокунихо аз буҷаи шахри Душанбе ва фоидаи тақсимнашуда иборат буда, дар ҳисобот оид ба тағийирот дар дороиҳои холис инъикос карда мешавад.

Сохтори дороиҳои холис аз ҷониби роҳбарияти Муассиса ва Шӯрои Нозирон мунтазам баррасӣ карда мешавад. Дар рафти баррасии мазкур роҳбарият аз ҷумла арзиши дороиҳои холис ва хавфҳои бо ҳар як гуруҳи дороиҳо вобастаро таҳлил мекунад. Дар асоси тавсияҳои роҳбарият Муассиса сохтори дороиҳои холисро бо роҳи капитализатсияи иловагии фоидаи тақсимнагардида, ҷалби сарчашмаҳои иловагии молияви аз буҷаи шаҳри Душанбе.

## 17. СИЁСАТИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО

Идоракунии хавфҳо дар фаъолияти Муассиса нақши муҳим дорад. Хавфҳои асосие, ки ба фаъолияти Муассиса марбутанд, инҳоро дар бар мегиранд:

- Хавфи қарзӣ;
- Хавфи амалиётӣ;
- Хавфи пардохтпазирӣ;
- Хавфи бозорӣ.

Ба санаи 31 декабри солҳои 2021 ва 2020 дороиҳо ва уҳдадориҳои молияви ба тариқи зайл инъикос ёфтааст:

| | 31 декабри соли 2021 | 31 декабри соли 2020 |
|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ:** | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 8,088,865 | 11,602,406 |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 54,572,592 | 18,610,209 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | 62,661,457 | 30,212,615 |
| **ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 2,463 | 5,758 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | 2,463 | 5,758 |

Барои таъмини сиёсати самараноки идоракунии хавфҳо Муассиса принсипҳои асосии идоракунии хавфҳоро муайян кардааст. Мақсади ин принсипҳо аз ҳимоя кардани Муассиса аз хавфҳои мавҷуда ва имкон додан барои ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда иборат аст. Принсипҳои ишорагардида аз ҷониби Муассиса дар рафти идоракунии хавфҳои зерин истифода карда мешаванд:

**Хавфи қарзӣ**

Муассиса ба хавфи қарзӣ гирифтор шуда метавонад, ин хавф ба он вобаста аст, ки як тараф ӯҳдадориҳои марбут ба воситаҳои молиявиро иҷро карда наметавонад, ки дар натиҷа тарафи дигар ба зарари молиявӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Идоракунии хавфҳо ва мониторинги онҳо аз Чониби Кумитаи қарзӣ ва Роҳбарияти Муассиса дар доираи салоҳиятҳои муқарраргардида ба амал оварда мешавад. Пеш аз амали бевоситаи Кумитаи қарзӣ роҳбарияти Муассиса тамоми тавсияҳои марбут ба равандҳои қарзӣ (маҳдудиятҳое, ки барои қарзгирандагон муқаррар карда шудаанд ва ё иловаҳо ба шартномаи қарзӣ ва ғ.)-ро баррасӣ ва тасдиқ мекунад.

Муассиса вобаста ба идоракунии хавфи қарзӣ сиёсатеро таҳия карда баромад, ки он масъалаҳои маҳдудкунии раванди марказонидани ҷузвдони қарзӣ ва таъсис додани кумитаи қарзиро дар бар кардааст, кумитаи мазкур мониторинги хавфро ба амал меорад. Сиёсати қарзии Муассиса аз ҷониби Шурои Нозирон баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад. Нисбати меъёрҳои муқаррагардида мониторинги ҳамарӯзаи хавфҳои воқеӣ ба амал оварда мешавад.

Гирифтор будан ба хавфи қарзӣ дар асоси таҳлили мунтазами қобилияти қарзгирандагон ва қарзгирандагони эҳтимолӣ барои иҷроиши ӯҳдадориҳои марбут ба пардохти фоизҳо ва маблағҳои асосӣ, инчунин ҳангоми зарурат тавассути тағйир додани ин меъёрҳои қарзӣ назорат карда мешавад. Гирифторшавӣ ба хавфи қарзӣ инчунин тавассути гирифтани таъминот ва гарави амволи ғайриманқул танзим карда мешавад.

*Мафҳуми дефолт*

Зери мафҳуми дефолт аз тарафи Муассиса эътироф намудани воқеияти аз ҷониби контрагент иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро нанамудани ӯҳдадориҳои молиявии худ назди Муассиса фаҳмида мешавад.

Дефолт на дертар аз гузаштани муҳлати 90 рӯзи дороии молиявӣ фаро мерасад, ба истисноӣ ҳолатҳое, вақте ки Муассиса дорои иттилооти асосноку тасдикшуда буда, намоиш медиҳад, ки истифодаи меъёри дефолте, ки таъхири калони пардохтро пешбинӣ менамояд, бештар мувофиқ мебошад. Истилоҳи дефолте, ки барои мақсадҳои мазкур истифода бурда мешавад, нисбати тамоми воситаҳои молиявӣ марҳила ба марҳила татбиқ карда мешавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, вақте ки иттилоот дастрас гардида намоиш медиҳад, ки истилоҳи дигари дефолт барои муқаррар кардани воситаи молиявӣ бештар мувофиқ мебошад.

Муассиса дефолти контрагентро дар сурати аз ҷониби он иҷро кардани ҳар яке аз меъёрҳои зерин ё ҳарду меъёрро эътироф мекунад, аз он ҷумла:

Меъёри сифатӣ- Муассиса асос дорад ба хулоса ояд, ки аз эҳтимол дур нест, ки контрагент талаби Муассисаро дар ҳаҷми пурра бе татбиқи чунин чораҳо ба амсоли баамалбарории таъминот (дар сурати мавҷуд будани он) иҷро намояд.

Меъёри шуморавӣ– Контрагент назди Муассиса қарзи напардохташударо ба муҳлати бештар аз 90 рӯзи тақвимӣ дорад.

*Меъёрҳои сифатии эътироф кардани дефолт*

Меъёрҳои сифатии эътироф кардани дефолт бо худ таҳлмили нишондиҳандахои устувории молиявӣ бозоргир будан ва даромаднокӣ, инчунин бозоргирии гаравро ифода дода, муайян кардани қобилиятии қарзии онро дар бар мегирад.

Меъёри моҳияти бештар дошта, ки вазъи молиявии контрагентро тавсиф медиҳад нишондиҳандаҳои бардавоми анбӯҳҳои молиявӣ, таъминот бо воситаҳои худ ва сатҳи қарздорӣ ё ӯҳдадорӣ мебошанд.

Баҳодиҳии сифатӣ мониторинги амалиётҳои карзӣ, инчунин назоратро аз болои додани қарзҳо пешбинӣ менамояд.

Ҳолатҳои зерин асоси эътироф кардани дефолт мебошанд:

1. Иҷро накардани шартҳои шартнома

Контрагент шартҳои шартномаро иҷро накардааст (масалан, ковенантҳо), ки дар натиҷа он Муассиса дефолти контрагентро аз рӯи шартнома (тибқи шартҳои шартнома) эътироф карда, пардохти пеш аз муҳлати қарзро талаб кардааст.

Меъёри мазкур дар ҳолати татбиқ мегардад, агар контрагент сари вақт ва дар ҳаҷми пурра талаби Муассиса ро дар хусуси пеш аз муҳлати пардохт намудани қарз иҷро накардааст.

Санаи дефолт ба ҳар ҳол рӯзи ба вуқӯъ омадани таъхир аз рӯи талаби пеш аз муҳлати пардохт намудани қарз дониста мешавад.

2. Аз нав ба низомдарории талабот

Муассиса қарор дар бораи аз нав ба низомдарории талаботи бо мушкилотҳои молиявии контрагент асосёфтаро, қабул кардааст, ки натиҷаи он метавонад ба паст шудани ҳаҷми пардохтҳо аз рӯи қарзи асосӣ, фоизҳо ё комиссияҳо ва \ ё ин ки пешниҳод намудани таъхири қатъӣ оид ба пардохти онҳо оварда расонад.

3. Муфлисшавии контрагент

- Контрагент ё ин ки Муассиса ба суд ариза дар бораи муфлис эътироф кардани контрагент пешниҳод кардааст ё ин ки;
- Контрагент муфлис эътироф шудааст ё ин ки;
- Нисбати контрагент яке аз қоидаҳои муфлисшавӣ ҷорӣ карда шудааст ё ин ки контрагент ҳимояи дахлдорро, ки имконият медиҳад аз пардохти талаботи Муассиса раҳо ёбад ё ба таъхир гузорад, дастрас намудааст.

4. Ҳолатҳои дигар

Дар сурати ошкор гардидани воқеияти бевоситаю бавоситаи шаҳодати эҳтимолияти баланди ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои манфӣ, эътироф кардани дефолт метавонад ба тариқи ташкил додани мулоҳизаи дахлдори касбӣ ба амал бароварда шавад.

Ҳангоми ташкил додани мулоҳизаи касбӣ воқеияти зерин ба инобат гирифта мешавад:

- бо талаби Муассиса (ё қарздиҳандагони дигар) нисбати контрагент қарзи ба таъхир гузошта ба вуқӯъ омадааст (оид ба пардохти қарзи асосӣ, фоизҳо, комиссияҳо ва пардохтҳои дигар);
- бо талаби Муассиса захира ё азнав фоизгузории манфӣ бинобар сабаби моҳиятан паст гардидани сифати қарзии нигаронбуда, ташкил карда шудааст;
- талаботҳо аз тарафи Муассиса бо зарари иқтисодӣ фурӯхта шудаанд (аз нав гузашт карда шудаанд);
- талаботҳо бо шартҳои ба Муассиса бефолидабахш аз нав ба низом даровварда шудаанд;
- дар фаолияти молиявӣ-хоҷагии контрагент тағйиротҳои манфӣ ҷой доранд;
- воқеияти қаллобӣ аз тарафи контрагент (нисбати Муассиса ё шахсони сеюм) ошкор ё тасдик карда шудааст.

Санаи дефолт дар ҳолати мазкур рӯзи ташкил додани мулоҳизаи дахлдори касбӣ дониста мешавад.

*Меъёрҳои шуморавии эътироф кардани дефолт*

Контрагент назди Муассиса қарзи ба таъхиргузошта зиёда аз 90 рӯзи тақвимӣ ё ин ки давраи тасдиқ ва асоснок кардашуда, ки деркунии пардохтро зиёда аз 90 рӯз пешнибӣ менамояд, дорад.

- Афзоиши хело баланди хавфи қарзӣ
- Роҳбарияти Муассиса мулоҳизаро барои баҳогузории афзоиши хело баланди хавфи қарзӣ татбиқ менамояд, ки ин барои зарари эҳтимолии қарзӣ омили мунаққид мегардад. Омилҳои дигаре, ки аз ҷониби Муассиса ҳангоми баҳогузории афзоиши эҳтимолии хело баланди хавфи қарзӣ ба инобат гирифта мешаванд:
- Таъхири бефосилаи қарз аз рӯи ӯҳдадориҳои Контрагент назди Муассиса зиёда аз 30 рӯзи тақвимиро ташкил медиҳад;
- Аз нав ба низомдарории қарз бинобар имконнопазир гардидани хизматрасонии ӯҳдадориҳо бо шартҳои ҷорӣ;
- Аз тарафи Муассиса татбиқ кардани тадбирҳои ҷиддии таъсиррасонӣ барои паст кардани хавфи қарзӣ, ба амсоли назорати (идоракунии) бевосита аз болои фаъолияти амалиётӣ;
- Дар муддати 12 моҳи дар пешистода миқдори маблағи пулӣ, ки барои хизматрасонии ӯҳдадориҳо бо шартҳои ҷорӣ нокифоя мебошанд, мавриди пешгӯӣ кардан қарор меёбанд;
- Тағйироти ҷиддии манфии воқеӣ ё эҳтимолии рейтинги қарзии берунаи воситаи молиявӣ;
- Тағйиротҳои номусоиди мавҷуда ё пешистодаи шартҳои тиҷоратӣ, молиявӣ ё иқтисодӣ, кт тавре дар назар дошта мешавад ба тағйироти ҷидии қобилияти қарздор оид ба иҷрои ӯҳдадориқарзии худ оварда мерасонанд;
- Ҷиддан афзоиш ёфтани хавфи қарзӣ аз рӯи дигар воситаҳои молиявии ҳамон қарздор;
- Пешниҳоди давраи имтиёзӣ оид ба супурдани ҳаққи пардохт;
- Мавҷуд будани маълумот дар бораи ҷалб кардани контрагент ба баррасии судӣ, ки метавонад вазъи молиявии ӯро бадтар созад.

Хавфи қарзӣ аз рӯи воситаҳои молиявӣ дар сурате паст мегардад, агар:

1.хавфи ба вуқӯъ омадани дефолт аз рӯи дороии молиявӣ / ӯҳдадорӣ – паст аст;

2.қарздор захираи устувори ҷиддӣ дорад, то ки ӯҳдадориҳои худро оид ба пардохти маблағи пулии бо шартнома пешбинишуда дарояндаи наздик иҷро намояд; ва

3.тағйироти номусоиди шартҳои иқтисодӣ о ид ба пешбурди фаъолият дарояндаи дурр метавонанд агар ҳатмӣ ҳам набошад ба паст гардидани қобилити қарздор оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои худ оварда расонанд.

Муассиса дар доираи фаъолияти худ афзоиш ёфтани хавфи қарзиро аз рӯи векселҳои давлатӣ, мутаносибан бо асъори миллӣ, инчунин бақияҳо дар муассисаҳои молиявӣ бо рейтинги баланди қарзӣ истисно мекунад.

**Маълумоти ибтидоӣ ҳангоми баҳодиҳии зарари эҳтиимолии қарзӣ**

Маълумоти асосии ибтидоӣ ҳангоми баҳодиҳии зарари эҳтиимолии қарзӣ сохторҳои муваққатии андозҳои тағйирёбандаи зерин мбеошанд:

– эҳтимолияти дефолт (PD);

– сатҳи тарафӣ ҳангоми дефолт (LGD); ва
– андозаи талаботи қарзӣ, ки метавонад бо хавфи дефолт дучор гардад (EAD)

Нишондиҳандаҳои мазкур аз амсилаҳои дохилаи омор ва сарчашмаҳои дигари таърихӣ ба даст оварда шудааст. Онҳо инчунин бо тамоюли макроиқтисодӣ баҳри он тасҳеҳ карда шудаанд, ки иттилооти пешгӯии поёнтар зикршударо инъикос диҳанд.

Дар доираи баҳодиҳии зарари эҳтимолии қарзӣ қарор карда шудааст, ки маҷмӯъи портфел ба гурӯҳҳои зайл тақсим карда шавад: қарзҳои истеъмолӣ, қарзҳо барои тиҷорати миёнаву хурд, қарзҳои сермақсаднок, Бонкҳои молиявӣ. Тақсимоти мазкур бо мантиқи иқтисодӣ, ҳамчунин бо дастрасии иттилоот барои анҷом додани чяорабиниҳои баҳодиҳии зарурӣ, асос ёфтааст.

Баҳодиҳии эҳтимолияти дефолт (PD) баҳогузории эҳтимолияти дефолтро ба ҳолати санаи муайян ифода медиҳад, ки он бо чунин асос ҳисобӣ карда мешавад. аз ҷумла:

- Амсилаи матритсаи муҳоҷират барои қарзҳои истеъмолӣ, қарзҳо барои тиҷорати миёнаву хурд, қарзҳои ипотека ва қарзҳои сермақсаднок;
- Амсилаи рейтинги соядор барои Бонкҳои молиявӣ ва қоғазҳои қиматнок, ки дар он Бонки молиявӣ ба ҳайси эмитент баромад мекунад.

*Амсилаи матритсаи муҳоҷират барои қарзҳое, ки дар асоси Бонкӣ баҳо дода мешаванд.*

Эҳтимолияти дефолти портфели чаканаи қарзӣ ва портфели БКХ (МСБ) дар асоси Бонкӣ ҳисобӣ карда мешавад. Методологияро метавон ба як қатор марҳилаҳо тақсим намуд, аз ҷумла:

1. Дар марҳилаи якум маълумот дар бораи ҳар як қарздор дар ҳайати портфели чаканаи қарзӣ ва портфели БКХ (МСБ), алоҳида нисбати хар як маҳсулоти қарзии Муассиса таъсис дода мешавад.
2. Дар марҳилаи дуюм ҳисобии эҳтимолияти дефолт аз рӯи Бонки қарзҳо, ки ба як маҳсулоти қарзӣ мансубанд, ба амал бароварда мешавад.
3. Сипас, ҳисобии қаблии эҳтимолияти дефолт (1 yearPD) барои ҳисобӣ кардани ислоҳот бо дарназардошти пешгӯии макроиқтисодӣ истифода бурда мешавад.
4. Дар асоси пешгӯии макроиқтисодии қабли хисобӣ ва саҳеҳ кардашудаи эҳтимолияти дефолт аз рӯи Бонки қарзҳо, ки дар асоси коллективӣ баҳогузорӣ шудааст, эҳтимолияти дефолти қарз дар таомми муҳлати боқимондаи ҳаёти ӯ (lifetimePD) ҳисобӣ карда мешавад.
5. Ҳисобии андозаи LGD – талофи дар сурати ба вуқӯъ омадани дефолт, ки барои қарздори аниқ муқаррар карда шудааст, аз рӯи он захира вобаста аз муҳлати қарзи ба таъхир гузошташуда ҳисобӣ карда мешавад.

Дар доираи таҳлили мазкур бо мувофиқа бо менеҷменти Муассиса 9 Бонки маҳсулоти қарзӣ дар ҳайати портфели чакана ҷудо карда шудааст. аз он ҷумла: қарзҳои кишоварзӣ, қарзҳои истесолии кормаадон, қарзҳои таълимӣ, қарзҳои истеъмолӣ, қарзҳо барои беҳтаркунонии шароити манзилӣ, сермақсаднок, баро и баланд бардоштани самаранокии барқ ва қарзҳои ипотекаи кормандон. Портфели ҚХБ (МСБ) ҳангоми ҳисобӣ кардани зарари қарзӣ ба ду зергурӯх тақсим карда мешавад: қарзҳо барои тиҷорати хурду миёна ва қарзҳо барои рушди микротиҷорат.

Ҳисобии зарари эҳтимолии қарзӣ дар пешгӯии хтимолияти дефолт бо истифодабарии занҷираҳои Марков асос ёфтааст. Услуби мазкур бо имконияти амсилакунонии ҳолати серамали сохтор дар ҷараёни фаъолияти он мавқеъ мегирад. Бо дарназардошти эҳтимолияти ба амал баровардани ин ё он ссенарияи рушди ҷараёни иқтисодӣ, метавонад дар бораи ҳолати низоми иқтисодӣ дар тӯлӣ ҳудуди пешгӯии пешниҳод гардида пешгӯи кард.

Амсилаи рейтинги соявӣ барои баҳогузории эҳтимолияти дефолти Бонки ғайримолиявӣ

Амсилаи мазкур бо амсилаи рейтинги соявӣ барои баҳогузории эҳтимолияти дефолти Бонки ғайримолиявӣ муқаррароти умумӣ дорад.
Муассиса ҳангоми интихобкунӣ меъёрҳои зеринро ба роҳбарӣ гирифтааст:

1. Бонкҳои тиҷоратии як қатор давлатҳо таҳлил карда шуданд. Ба асос Бонкҳои ғайритиҷоратии Руссия гирифта шуда буданд. Бо инобати он, ки интихоботи мазкур миқдори ками ташкилтҳоро дар бар мегирифт, ки баҳоҳои қарзии хориҷаи паст доштанд, Мушоврил қарор кард, ки интиҷобот зиёдтар шавад ва Бонкҳои тиҷоратии чунин давлатҳо ба инобат гирифта шаванд:

2. Азербойҷон, Қазоқистон, Украина, Муғулистон, Юнон. Зиёдкунии инхихобботи мазкур дар оянда ба пурзӯрнамоии қобилияти пешгуии моделро мусоидат намуд.
3. Дар интихобот танҳо Бонкҳое дохил шуданд, ки баҳоҳои пурмуддати қарзии хориҷа аз як (ё ин ки якчанд) агентиҳои рейтингии ҷоҳонӣ– S&P, Moody's, Fitch ва агентиҳои рейтингии Руссия – АКРА, RAEX ҳастанд.
4. Дар Руссия ҷадвали рейтингҳо мутобиқи ҷадвали ҷаҳонии S&P мувофиқа карда шудааст.
5. Дар мавриди мавҷудияти якчанд рейтингҳои қарзӣ ҳамонҳое, ки нисбатан дер дода шудаанд истифода шудаанд.
6. Дар мавриде, ки рейтингҳои қарзӣ пештар аз декабри соли 2018 дода шудаанд, чунин Бонкҳо ба интихобот дохил карда нашуда буданд аз рӯи номутобиқати чунин рейтингҳо ба нишондиҳандаҳои молиявии соли 2018.
7. Фосилаи ниҳоии имконпазир оиди санаи додани рейтинги қарзии беруна соли 2018 интихоб карда шуд. Чунин маҳдудидят барои он қабул карда шуда буд, ки хавфи мавҷудбуда ба таври даққиқтар дар мавриди бузургтарин мутобиқати вақт ба вақти ҷорӣ муйян карда шавад.

Аз рӯи натиҷаи татбиқи алгоритми дар боло зикргардида интихобкунӣ аз 143 ташкилот таҳия карда шуд.

Интихоби нишондиҳандаҳои регрессӣ қадам ба қадам тибқи меъёрҳои зерин сурат гирифт:

1. баҳогузории аҳамияти омории омили мустақими фаҳмондадиҳии регресия;
2. баҳогузории нишонаи дахлдори коэффисиенти омил дар амсилаи маънои мантиқии он.

Ба ҳайси амсилаи мустақими тағйирёбандаи ҷамъбастӣ истифода бурда шудааст:

1. Марҷиналӣ аз рӯи фоида то андозҳо ва фоизҳо
2. Фишанги қарзӣ
3. Даромад
4. Таносуби воситаҳои ғайригардишӣ нисбати асъори тавозун
5. Меъёри фоизи самараноки қарзе, ки ба ӯ фоиз ҳисоб карда мешавад
6. Мавҷудияти саҳми саҳмияҳои идорашаванда дар ҳукуматеки, ки дар таҳти рейтиги мустақил амалиёт мекунад.

Сатҳи талофи ҳангоми дефолт (LGD) бо худ сатҳи талофиро аз маблағи қарз дар лаҳзаи дефол ифода медиҳад, бо шарте, ки дар контрагент ҳодисаи дефолт ба вуқӯъ омадааст. Ин нишондиҳандаи талофии воқеиест, ки Муассиса ҳангоми дефолти мизоҷон мебардорад. Дар доираи баҳодиҳии талофии эҳтимолии қарзӣ Муассиса метавонад яке аз се тарзу услуби зеринро татбиқ намояд:

- LGD иқтисодӣ. Дар асоси анбӯҳи пулӣ, ки дар натиҷаи ҷараёни кор бо қарзи ба таъхир гузошташуда (ҳаҷми анбӯҳи гумшуда) ба даст оварда шудааст, ҳисобӣ карда мешавад. Дар доираи тарзу услуби LGD иқтисодӣ сатҳи талофӣ аз маблағи қарз дар лаҳзаи дефолт ҳамчун даромади дисконтӣ аз фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда ба истиснои хароҷот вобаста ба фурӯхтани он, муайян карда мешавад. Татбиқи он бо қарздорони институтсионалӣ маҳдуд мегардад.

- LGD оморӣ. Дар асоси таҳлили маълумоти таърихии LGD ва тавсифи воситаҳо ҳисобӣ карда мешавад. Тарзу услуби оморӣ бо коркарди омории маълумот аз рӯи сатҳи руёниши қарз тибқи иттилооти Муассиса вобаста ба дефолти қарздорон ва руёнишҳо асос меёбад. Хисобии LGD оморӣ бо дарназардошти шакли таъминоти интихобшуда, аз ҷумла кафолати Бонкӣ, молу мулки манқул, молу мулки ғайриманқул, таъминоти омехта, кафилӣ, маснуоти заргарӣ, депозити таъминнашуда, сурат мегирад. Ба ҳайси миқдори дисконткунӣ миқдорри фоизии самаранок аз рӯи қарзи дахлдор истифода бурда шудааст. Барои тамоми намудҳои қарзҳо татбиқ карда мешавад.

- LGD бозорӣ. Дар асоси нархҳои бозор нисбати облигатсияҳои\заёмҳои монанд, ки дар ҳолати дефолт қарор надоранд, ҳисобӣ карда мешавад. Баҳодиҳии LGD бозорӣ дар асоси маълумотҳои кушодаи таърихӣ ва тадқиқотҳои Муассиса сурат мегирад. Тарзи мазкур хусусиятҳои хосӣ иқтисодиёти миллӣ маддӣ назар мекунад ва татбиқи он бештар дар ҳолатҳое дуруст дониста шудааст, вақте ки ҳаҷми маълумот барои ҳисобӣ кардани LGD иқтисои ва оморӣ кифоя намебошад. Татбиқи он бо қарздорони институтсионалӣ маҳдуд мегардад.

Муассиса дар доираи фаъолияти худ гӯрӯҳҳои зеринро ҷудо мекунад: қарзҳои истеъмолӣ, қарзҳо барои тиҷорати хурду миёна, қарзҳои сермақсаднок. Бонкҳо барои таъмини он ки мавқеъҳое, ки бо хавфи қарзӣ дучор мешаванд, мунтазам мавриди санҷиш қарор гирифта, дар доираи Бонки муайян тавсифи якхелаи хавфи қарзӣ доштаанд.

*Иттилооти пешбинишуда*

Тибқи СБҲМ (IFRS) 9 Муассиса иттилооти пешбинишударо ҳам ба баҳодиҳии ҷиддан афзоиш ёфтани хавфи қарзӣ аз лаҳзаи эътирофи ибтидоӣ, ҳам ба баҳодиҳии талофии эҳтимолии қарзӣ ворид намудааст.

Муассиса мулоҳизаи ташхисиро барои баҳодиҳии иттилооти пешбинишуда истифода мебарад. Баҳогузории мазкур бо иттилоотеро дар бар мегирад. ки аз сарчашмаҳои беруна дастрас гардидааст, асос меёбад. Иттилооти беруна маълумот ва пешгӯии иқтисодиро, ки мақомотҳои давлатӣ ва мақомотҳои танзими пулӣ-қарзии кишварҳое, ки дар он ҷо Муассиса фаъолияти худро ба амал мебарорад, интишор мекунанд, ба амсоли БМТ, инчунин сарчашмаҳои берунаи кишвар, ба амсоли TradingEconomics, инчунин пешгӯии фарда илмӣ.

Муассиса номгӯи омилҳои асосиро, ки ба баҳодиҳии хавфи қарзӣ ва талофии қарзӣ таъсир мерасонанд аз рӯи портфели воситаҳои молиявӣ муайян карда, ба расмият даровардааст ва аз таҳлили маълумотҳои таърихӣ истифода бурда, алоқамандии тарафайни хавфҳои қарзии микроиқтисодии тағйирёбандаро баҳогузорӣ кардааст. Ба ҳайси омилҳои асосӣ пешгӯии баландшавии қурби USD/TJS ва миқдори асосӣ муайян карда шудааст. Ба асос консеснуси пешгӯии манбавӣ ва консервативии тағйиротҳо гирифта шудаанд.

Аҳамияти пешгӯии омилҳои асосӣ, ки ба ссенарии консенсусӣ мувофиқат мекунанд, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳое, ки бо 31 декабри соли 2020 ва 2021 хотима меёбанд, аҳамияти зеринро дар бар мегиранд.

| | Қурби доллари ИМА/сомонӣ | Меъёри бозтамвил |
|---|---|---|
| 2020 | 10.50 | 11.75% |
| 2021 | 12.29 | 10.75% |

Мутаносибии пешбинишуда байни нишондиҳандаи асосӣ ва ҳолати дефолт дар асоси таҳлили маълумоти таърихӣ барои шаш соли охир тарҳрезӣ карда шудааст.

Баҳисобгирии иттилооти пешгӯӣ дар доираи регрессияи хати серомил сурат гирифтааст. Ба ҳайси ншондиҳандаҳоимустақими тағйирёбанда нишондиҳандаҳои зерин мавриди санҷиш қарор дода шудаанд:

- ММД (ВВП) ва суръати афзоиши ММД -и (ВВП) аслӣ;
- сатҳи бекорӣ;
- меъёри асосӣ;
- индекси нархҳои истеъмолӣ;
- қурби асъор;
- мутаносибии қарзи ба таъхир гузошта аз рӯи низоми бонкӣ нисбати қарзи умумии барои давраҳои қаблӣ.

Аз рӯи таҳлили амсилаи тағйирёбанда оид ба аҳамияти оморӣ ва мантиқи иқтисодӣ Муассиса амсилаҳои ҷамъбастии тағйирёбандаи зеринро интихоб намудааст:

а) Қурби USD/TJS барои соли оянда пас аз соли ҳисоботӣ (TradingEconomics).
б) Тағйирёбии меъёри асосӣ барои соли оянда пас аз соли ҳисоботӣ (TradingEconomics).

Коэффисиенти саҳеҳ кардашудаи детерминатсияи муодилаи регрессиони 0.95-ро ташкил дод.

Кор бо таъминоти гаравӣ

Барои паст кардани хавфи қарзӣ аз рӯи қарзҳою қафолатҳои додашуда, Муассиса кӯшиш менамояд, ки ба қадри имкон таъминотро дар намуди гарав истифода барад. Гарав дар шаклҳои гуногун, ба амсоли пули нақд, қоғазҳои қимматнок, аккредитивҳо\ кафолатҳо, молу мулки ғайриманқул, қарзи дебиторӣ, захираҳо ва дороиҳои ғайримолиявии дигар пешкаш мегардад.

Сиёсати баҳисобгирии Муассиса нисбати таъминоте, ки ба он дар доираи созишномаҳои қарзӣ бо СБҲМ 9 пешниҳод карда мешавад, айнан ба сиёсати баҳисобгирӣ тибқи СБҲМ (IAS) 39 монанд мебошад. Таъминот, агар он ба соҳибии Муассиса руёнида нашуда бошад, дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявии Муассиса инъикос намеёбад. Аммо арзиши одилонаи таъминот ба ҳисобкунии ECLs таъсир мерасонад. Ин, чун қоида, бештар дар марҳилаи ибтидоӣ ҳангоми додани қарз баҳо дода шуда, дар асоси ҳар семоҳагӣ аз нав дида баромада мешавад. Муассиса ба қадри имкон маълумоти дастрасшудаи бозориро барои баҳогузории дороиҳои молиявӣ, ки ба сифати таъминот нигоҳ дошта мешаванд, истифода мебарад. Дориҳои молиявии дигар, ки арзиши бозории бо осонӣ муайян карда мешударо надоранд, бо истифода аз амсилаҳо баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи қарзӣ**

Муассиса гирифтори хавфи амалиётиест, ки он хавфи пайдоиши талафотеро, ки дар натиҷаи дилхоҳ нуқсони низомӣ, қатъ гардидани равандҳои дохиливу низом, хатоҳое, ки одамон содир мекунанд ва ё таъсири омилҳои манфии беруна ба миён меоянд, инъикос менамояд.

Сиёсати идоракунии хавфи Муассиса барои ҳаммонанд кардану таҳлил кардани хавф ва муқарраркунии меъёрҳои марбутаи хавф ва назорат таҳия карда шудааст.

**Ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи қарзӣ**

Ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи қарзии Муассиса вобаста ба хавфҳои инфиродӣ, ки мутааллиқ ба дороиҳои молиявӣ ва хавфҳои умумии бозориӣанд, тағйир ёфта метавонад.

Дар ҷадвали навбатӣ ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи қарзӣ аз рӯи дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои шартӣ нишон дода шудааст. Барои дороиҳои молиявӣ ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи қарзӣ ба арзиши тавозунии ин дороиҳо бе назардошти маблағи баҳисобгирӣ ва таъминкунӣ баробар аст. Барои кафолатҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои дигари шартӣ ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи қарзӣ маблағи ниҳоиеро ифода мекунад, ки онро Муассиса ҳангоми ба миён омадани зарурати пардохткунӣ аз рӯи кафолатҳо ва ё талаб карда гирифтани карзҳо дар доираи хатхои кушодаи кредитӣ маҷбур мегардад пардохт намояд.

Арзиши моликияти кафолатӣ дар асоси арзиши одилона ба рӯзи пардохти қарз муайян карда шуда, бо маблағи карздории қарзи муайян ба санаи ҳисоботӣ маҳдуд карда мешавад.

| | **Ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи қарзӣ** | **Маблағи ба ҳисоб гирифта-шуда** | **Ҳаҷми софи хавфи қарзӣ баъди ба ҳисоб гирифтан** | **Таъминкунӣ** | **с. 2021 Ҳаҷми софи хавфи қарзӣ баъди ба ҳисоб гирифтан ва баҳисобгирии таъминкунӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳо ба мизоҷон | 54,572,592 | - | 54,572,592 | (54,572,592) | - |

| | **Ҳаҷми ҳадди ниҳоии хавфи қарзӣ** | **Маблағи ба ҳисоб гирифта-шуда** | **Ҳаҷми софи хавфи қарзӣ баъди ба ҳисоб гирифтан** | **Таъминкунӣ** | **с. 2020 Ҳаҷми софи хавфи қарзӣ баъди ба ҳисоб гирифтан ва баҳисобгирии таъминкунӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳо ба мизоҷон | 18,610,209 | - | 18,610,209 | (18,610,209) | - |

Дар сурати иҷро накардан ва ё иҷрои нокифояи ӯҳдадориҳои қарзӣ аз тарафи қарзгиранда Муассиса ҳуқуқ дорад, ки иҷроиши ин ӯҳдадориҳоро бо роҳҳои зерин таъмин намояд:

1. фурӯши якҷояи амволи гарав;
2. тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба моликияти худ қабул кардани амволи гарав;
3. мурочиат ба суд барои ситонидани амволи ба гарав мондашуда.

Ҳангоми якҷоя фурӯхтани амволи гарав Муассиса аксаран варианти бо қарзгиранда ва харидор бастани шартномаи сетарафаи хариду фурӯшро интихоб мекунад. Мутобиқи шартномаи мазкур харидор ӯҳдадорӣ қабул мекунад, ки қарзи фурӯшандаро дар назди Муассиса пардохт мекунад, фурӯшанда бошад ӯҳдадор мешавад, ки ҳуқуқи мулкдории худро ба харидор диҳад, Муассиса бошад уҳдадорӣ қабул мекунад, ки аз ҷониби қарзгиранда пардохткунии қарзро амалӣ намуда, моликиятро аз гарав озод кунад.
Муассиса тибқи тартиботи судӣ ситонидани амволи ба гарав мондашударо танҳо дар ҳолатҳое истифода мебарад, ки истифода кардан аз усулҳои дигар ғайриимкон аст ва ё ба мақсад мувофиқ нест ва ё дар ҳолатҳое аз он истифода мебарад, ки ҳабс кардани амволи ба гарав мондашударо ҳимояи манфиатҳову ҳуқуқҳои Муассиса талаб мекунад.

**Тамаркузи ҷуғрофӣ**

Ҳамаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявии Муассиса дар Ҷумҳурии Точикистон ҷойгир аст.
Роҳбарияти Муассиса хавфҳоеро, ки ба тағйиротҳои дар қонунгузорӣ баамаломада вобастаанд, назорат намуда, таъсири онҳоро ба фаъолияти Муассиса баҳогузорӣ мекунад. Чораи мазкур ба Муассиса имконият медиҳад, ки зарарҳои аз тағйирёбии фазои инвеститсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бамиёнояндаро ба ҳадди ақал расонад.

**Хавфи пардохтпазирӣ**

Хавфи пардохтпазирӣ ин хавфи пайдоиши мушкилиҳоест, ки ба гирифтани воситаҳои бозпардохти ӯҳдадориҳо ҳангоми расидани мӯҳлати воқеии пардохти онҳо ва қонеъсозии талабот ба воситаҳои пулӣ дар раванди қарздиҳӣ ба мизоҷон вобаста мебошанд. Ҳамаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявии Муассиса то 3 сол мухлати муқарраршуда дорад.

Аз рӯи тамоми дороиҳову ӯҳдадориҳое, ки аз онҳо фоиз ситонида мешавад, фоизҳо аз рӯи меъёрҳои устувори фоизӣ ҳисоб карда мешаванд.

**Хавфи бозорӣ**

Муассиса гирифтори хавфи тағйирёбии меъёри фоизӣ шуда наметавонад, чунки воситаҳоро дар асоси меъёрҳои тағйирёбанда ҷалб наменамояд. Дар холати ҷалб намудани воситаҳо дар асоси меъёрҳои тағйирёбанда хавф аз тарафи Муассиса бо роҳи дастгирии таносуби зарурии байни қарзҳо аз рӯи меъёри устувор ва меъёри тағйирёбанда идора карда мешавад.

**Таҳлили таъсирёби ба тағйирёбии меъёри фоизи**

Муассиса гирифтори хавфи тағйирёбии меъёри фоизӣ шуда наметавонад, чунки воситаҳоро дар асоси меъёрҳои тағйирёбанда ҷалб наменамояд. Дар холати ҷалб намудани воситаҳо дар асоси меъёрҳои тағйирёбанда хавф аз тарафи Муассиса бо роҳи дастгирии таносуби зарурии байни қарзҳо аз рӯи меъёри устувор ва меъёри тағйирёбанда идора карда мешавад.

Ба санаи 31 декабри соли 2021 Муассиса дороиҳо ва ӯҳдадориҳои бо дар асоси меъёрҳои тағӣирёбанда ҷалбшуда надошт.

**Хавфи асъорӣ**

Хавфи асъорӣ хавфи тағйирёбии арзиши воситаи молиявиро, ки вобаста ба тағйирёбии қурби мубодилаи асъор ба миён меояд, дар бар мегирад. Вазъи молиявӣ ва воридоту содироти пулии Муассиса ба таъсири тағйири қурби мубодилавии асъори хориҷӣ гирифтор нест, чун ҳамаи амалиётҳо дар асъори функсионалии ҳисобот амали мегардад ва Муассиса дорои дороиҳо ва ӯҳдадориҳои асъори ҳориҷи намебошад.

## 18. ҲИСОБОТИ СЕГМЕНТӢ

Фаъолияти Муассиса қатъиян ба қарздиҳии имтиёзноки бо максади дастгирии истеҳсолкунандагони шаҳри Душанбе дахл дошта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамаркуз ёфтааст.

## 19. ҲОДИСАҲО ПАС АЗ ДАВРАИ ҲИСОБОТӢ

27 январи соли 2022 бо Қарори Раиси шаҳри Душанбе №34 бо мақсади инкишофи соҳаи истеҳсолоти шахри Душанбе ба Муассиса 30,000,000 сомони ҷудо гардид.

Аз 1 январи соли 2022 Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шуд, ки дар он тағйироти низоми амалкунандаи андоз ва меъёрҳои андоз ва муайян кардани манбаи андоз барои ӯҳдадориҳои асосии андоз пешбинӣ шудааст. Дар санаи нашри ҳисоботи маҷмуии молиявӣ, роҳбарияти Муассиса таъсири эҳтимолии ин тағйиротро ба натиҷаҳои молиявӣ ва фаъолияти Муассиса арзёбӣ накардааст.

Ба ҳолати санаи интишори ҳисоботи мазкури молиявии Муассиса дигар ҳодисаҳо ва ё додугирифти муҳим, ғайр аз дар боло овардашуда, руй надодааст, ки дар ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ 10 «Ҳодисаҳо пас аз давраи ҳисоботӣ» ошкор кардани онхо зарур бошад.